**КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ДАСТУРИ ИТТИЛООТИЮ ТАВСИЯВӢ: НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2015 ДАР СОЛИ 2013

## МАҶМӮАИ №14-03

Душанбе 2014

# ДАСТУРИ ИТТИЛООТИЮ ТАВСИЯВӢ: НАТИҶАҲОИ БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2015 ДАР СОЛИ 2013

*Дастур фарогири натиҷаҳо вобаста ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои* 2013-2015 *дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли* 2013 *буда*, *барои истифода ва корбарӣ ба масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ*, *мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон*, *мақомоти ҳифзи ҳуқуқ*, *ташкилоту муассисаҳои ҷавонон ва мутахассисону олимони ҷавон тавсия карда мешавад*.

**Масъули таҳия**:

**Қиёмиддин Миралиев** – номзади илмҳои сиёсӣ, муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

# МУНДАРИҶА


1. ПЕШГУФТОР ........ 4

2. Заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии ташаккулёфта ........ 5

3. Қарорҳои Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома ........ 6

4. Фармоишҳои раиси Кумита оид ба татбиқи Барнома ........ 7

5. Дастурҳои методию амалӣ оид ба татбиқи Барнома ........ 8

6. Маҳзани иттилоотии Барнома ........ 8

7. Татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 дар сатҳи ҷумҳурӣ ва Кумита ........ 9

СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ I. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МАЪНАВИЮ СИЁСӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН ........ 10

СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ II. РУШДИ ИМКОНОТИ ИҶТИМОӢ ВА МУСОИДАТ БА МУСТАҚИЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶАВОНОН ........ 14

СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ III. РУШДИ САЛОМАТИИ ҶАВОНОН ........ 20

СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ IV. МУСОИДАТ БА ТАЪЛИМИ МУАССИР ВА ДАСТГИРИИ ЭҶОДИЁТИ ҶАВОНОН ........ 24

СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ V. РУШДИ ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ ВА ИТТИЛООТИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ........ 28

СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ VI. ТАКМИЛИ МАЛАКАҲОИ КОРИИ МУТАХАССИСОН ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ........ 30

8. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ ........ 33

9. Татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 40

10. Татбиқи Барнома дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ........ 40

11. Татбиқи Барнома дар вилояти Суғд ........ 42

12. Татбиқи Барнома дар вилояти Хатлон ........ 44

13. Татбиқи Барнома дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ........ 46

14. Мушкилот ва монеаҳо дар татбиқи Барнома ........ 48

15. Роҳҳои ҳалли мушкилоти бавуҷудомада дар татбиқи Барнома ........ 50

# 1. ПЕШГУФТОР

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти муассир ҷиҳати худташаккулёбӣ, худамалигардонӣ, тарбия ва маърифатнокии комили ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон дар Тоҷикистон Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 ба тасвиб расид.

Барномаи мазкур аз барномаҳои қаблӣ ба он фарқ мекунад, ки муҳтавои он куллан дигар аст ва он асосан ба таъмини иҷтимоии ҷавонон равона гардидааст. Ҳамчунин, мавриди татбиқ агар дар доираи барномаҳои қаблӣ чорабиниҳо бештар амалӣ гардонида мешуданд, пас дар ин Барнома асосан лоиҳаҳои дархостӣ дастгирӣ карда мешаванд, ки дар доираи онҳо чорабиниҳои алоқаманд амалӣ мегарданд. Яъне, мутаносибан Барнома худ ба худ системаеро ташкил медиҳад, ки маҷмӯи хизматрасониро ба ҷавонон тавассути ташкилотҳои махсусгардонидашуда таъмин менамояд.

Барнома аз 6 соҳаҳои афзалиятнок ва 32 вазифаҳо иборат буда, амалисозии онҳо дар тули се сол ба нақша гирифта шудааст.

Мутобиқи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 «Дар бораи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» тамоми раисони ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои таҳия ва амалисозӣ, бахусус маблағгузории барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон вазифадор гардидаанд.

Ҷараёни татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла рафти қабул ва маблағгузории он дар соли 2013 дар Дастур муфассал оварда мешавад. Ҳамчунин, Дастур мушкилоти пешомадаи Барномаро дар соли 2013 ва роҳҳои ҳалли татбиқи самараноки онро барои солҳои 2014-2015 фаро мегирад.

Дастур барои истифода ва корбарӣ ба масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилоту муассисаҳои ҷавонон ва мутахассисону олимони ҷавон тавсия карда мешавад.

## 2. Заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии ташаккулёфта

Асоси дилхоҳ фаъолиятро заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Чун Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ягона механизми маҷмӯӣ ва амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, барои он ташаккул додани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад.

Бо ҳамин мақсад дар соли 2013 санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқӣ ба тасвиб расонида шуданд, ки дар замима барои истифодаи васеъ, бахусус барои масъулони сохторҳои маҳаллӣ оварда мешаванд.

Аз ҷумла:

- Қарори мушовара “Доир ба тасдиқи Низомномаи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015”;
- Низомномаи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;
- Ҳайати Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;
- Ҳайати Котиботи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;
- Шакли дархостии №13/01 барои истифодаи кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пешниҳоди дархост;
- Тартиби дастгирии молиявии ниёзмандони ҷавон ва оилаҳои ҷавон;
- Шакли дархостии №13/02 барои истифодаи ташкилотҳои кор бо ҷавонон, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ, марказҳои ҷавонон ва сохторҳои маҳаллии Кумита мавриди пешниҳоди дархост;
- Шакли дархостии №12/03 барои истифодаи ниёзмандони ҷавон мавриди пешниҳоди дархост;
- Шакли шартнома №12/04 барои истифода мавриди татбиқи дархостҳо;
- Шакли фармоиш №12/05 барои истифода мавриди қабули қарорҳои дахлдор;
- Шакли арзёбӣ ва баҳодиҳӣ №12/06 барои истифода мавриди арзёбӣ ва баҳодиҳии ҷараён а натиҷаи татбиқи чорабиниҳо;
- Шакли ҳисоботӣ №12/07 барои истифода мавриди ҷамъбасти чорабиниҳо;

ва ғайра

Тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгашта дар замима оварда мешавад.

## 3. Қарорҳои Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома

Чӣ тавре дар боло нишон дода шуд вобаста ба татбиқи самараноки Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 таъсис дода шудааст.

Комиссияи мазкур дар соли 2012 як ва дар 2013 се маҷлисҳоро баргузор намуд, ки дар ҳар яки онҳо 4-5 масъалаҳои алоқамандро баррасӣ намуда, қарорҳои алоқаманд тибқи суратҷаласаҳо қабул карда шуданд. Ҳамагӣ дар соли ҳисоботӣ 19 масъалҳои баррасӣ гашта, оид ба амалисозии онҳо 15 супоришҳо (қарорҳо) қабул карда шуданд (барои истифода яке аз суратҷаласаҳо дар поён оварда мешавад), аз ҷумла:

– тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои соли 2013 тавассути Мушовараи Кумита;

– тасдиқи лоиҳаи Рӯйхати ноҳияҳои имконияти молиявиашон маҳдуд ва қобили дастгирӣ дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 тавассути Мушовараи Кумита;

– тасдиқи лоиҳаи Тартиби дастгирии молиявии ниёзмандони ҷавон ва оилаҳои ҷавон;

– тасдиқи шаклҳои дархостӣ, шакли шартнома оид ба ҳамкорӣ, шакли фармоиш, шакли арзёбӣ ва баҳодиҳӣ ва шакли ҳисоботӣ (дар поён нишон дода мешавад);

– тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои семоҳаи аввали соли 2013;

– тасдиқи санадҳои меъёрӣ оид ба амалисозии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;

– гузориши Комиссия оид ба баҳодиҳии лоиҳаҳои дархостии ташкилотҳои кор бо ҷавонон ҷиҳати дарёфти грантҳо (фармоиши иҷтимоии давлатӣ) дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;

– тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои семоҳаи дуюми соли 2013;

– тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои семоҳаи сеюми соли 2013;

– тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои семоҳаи чоруми соли 2013.

## 4. Фармоишҳои раиси Кумита оид ба татбиқи Барнома

Бо мақсади татбиқи самараноки ва таъмини шафофият дар амалисозии чорабиниҳо, бахусус маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар ниҳоди марказии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи таъминоти ҳуқуқӣ ташаккул дода шудааст, ки онро санадҳои зерин ташкил медиҳад:

- супоришҳо ва ризоияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳо ва суратмаҷлисҳои Маҷлиси Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;
- фармоишҳои раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳо ва суратмаҷлисҳои Котиботи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015;
- шартномаҳои ҳамкорӣ бо шарикони иҷтимоӣ;
- низомномаҳои танзимкунандаи фаъолият.

Ҳамин тариқ, яке аз санадҳои муҳими танзимкунандаи фаъолияти ҳуқуқии Барнома фармоишҳои раиси Кумита маҳсуб мегардад.

Вобаста ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 340 фармоишҳо ба тасвиб расонида шуд, ки ҳудуди 90% онҳо барои амалисозӣ ва маблағгузории чорабиниҳо равона гардиданд.

## 5. Дастурҳои методию амалӣ оид ба татбиқи Барнома

Дилхоҳ фаъолият ва ё амал метавонад танҳо дар сурате самара диҳад, ки агар заминаи методию амалии он фароҳам гашта бошад.

Дар самти амалисозии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 ду дастурҳо таҳия ва чоп гардида, ба масъулони сохторҳои маҳаллӣ расонида шуд, ки тамоми масъалаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва методиро фаро мегирад.

Вобаста ба ташаккул ва рушди заминаи илмию методии сиёсати давлатии ҷавонон дар давраи ҳисоботӣ 10 дастурҳои зерин дар 4500 нусха чоп ва байни мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои ҷавонони барои истифода ва корбарӣ паҳн карда шуданд.

Бахусус Дастури методию амалӣ: Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Маҷмӯаи №12-01 (300 нусха), Дастури амалӣ оид ба тартибҳои меъёрию ҳуқуқии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Маҷмӯаи №13-02 (400 нусха), Дастури методию амалӣ оид ба татбиқи самараноки стипендияҳои президентӣ, Кумита ва маҳалӣ (300 нусха), Дастури иттилоотию амалӣ оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён гардиданд (500 нусха), Дастури иттилоотӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2013 (300 нусха), Маҷмӯи мақолаҳо “Ҷавонон ва илми муосир” (150 нусха), Дастурҳои иттилоотию тавсиявӣ “Ба муҳофизати Ватан омода бош!” (400 нусха), “Гиромидошти муқаддасоти Ватан” (340 нусха) ва Варақаи иттилоотӣ “Интихобот ва ҷавонон” (2106 нусха).

## 6. Маҳзани иттилоотии Барнома

Бо мақсади таъмини иттилооти систематикии Барнома ва таҳлилу баррасии натиҷанокӣ ва чораёни амалигардии чорабиниҳо дар доираи Барнома Маҳзани иттилоотӣ таъсис дода шуд. Маҳзан аз якчанд саҳифаҳо иборат буда, иқтидори коркарди чорабиниҳоро аз рӯи фармоишҳо, соҳаҳои афзалитянок, бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Барнома, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, номгӯи ташкилотҳо, ҳаҷми маблағгузорӣ, фарогирӣ аз рӯи теъдоди умумӣ ва ҷинси гуруҳҳои мақсаднок ва ғайра доро мебошад.

Маҳзан тақозои ҷомеаи муосир буда, электроникунонии муносибатҳоро дар татбиқи Барнома таъмин менамояд, ҳамчунин вақт ва маводи зиёди чопиро сарфа мекунад.

## 7. Татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 дар сатҳи ҷумҳурӣ ва Кумита

Имрӯз дар кишвар ҷабҳаҳои амалии сиёсати давлатии ҷавононро Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 тасдиқ гардидааст ташкил медиҳад.

Дар соли 2013 маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ 5099800 сомонӣ пешбинӣ гашта, 2429000 сомонӣ ҷудо карда шудааст. Дар натиҷаи амалисозии чорабиниҳо 621500 ҷавонон бо иттилоот, дониш малака ва таҷрибаи алоқаманд фаро гирифта шуданд, ки 40% ё ин ки 249780 нафари онро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар сатҳи Кумита маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ 1686000 (як миллиону шашсаду ҳаштодушаш ҳазор) сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки пурра аз худ карда шуд. Дар доираи Барнома тибқи тартиби муқарраргардида 336 лоиҳаҳо (чорабиниҳо) амалӣ гардонида шуданд. Дар натиҷаи амалисозии лоиҳаҳо 157052 ҷавонон бо иттилоот, дониш малака ва таҷрибаи алоқаманд фаро гирифта шуданд, ки 36,5% ё ин ки 57280 онро духтарон ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Барнома дар сатҳи Кумита аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ 308570 сомонӣ ҷалб карда шуд, ки бо ин маблағ тадбирҳои зиёде амалӣ гардонида шуданд.

Дар таносубнокӣ ба барномаҳои маҳаллӣ татбиқи Барнома дар сатҳи Кумита то 60% маҳсулноктар баҳогузорӣ мегардад, чун ҳамаи чорабиниҳо ва маблағгузории ба нақша гирифташуда пурра амалӣ гардонида шудааст.

Нисбат ба соли 2012 низ сатҳи татбиқи Барнома пурсамар арзёбӣ мегардад, чун сатҳи маблағгузорӣ то 13% афзоиш ёфта, натиҷанокии он низ бо дарназардошти мавҷудияти арқоми оморию таҳлилии чорабиниҳои гузаронидашуда, назаррас мебошад.

Дар вокеъ мутобиқи нақша миқдори духтарон бояд, ки 50% фарогирифтагонро ташкил медод, вале бинобар сабаби камфаъолии духтарон ва мавҷудияти монеаҳои урфу одатӣ (менталитетӣ) ин рақам ба 13,5% кам дастрас гардид.

Боиси зикр аст, ки дар ин ҷо татбиқи Барномаи ҷумҳуриявӣ баррасӣ гашта истодааст ва чорабиниҳои амалигашта хусусияти ҷумҳуриявӣ доранд. Яъне, онҳо барои амалӣ сохтани чорабиниҳои хусусияти ҷумҳуриявӣ дошта, ҳамчунин аз ҷониби ташкилотҳои мақоми ҷумҳуриявӣ дошта амалӣ шудаанд.

Чӣ тавре маълум аст маблағи барои Барномаи ҷумҳуриявӣ ҷудогашта тавонист 5,2% ҷавононро фаро гирад, ки он ба ҳар як нафари фарогирифта 11 сомонӣ рост меояд. Яъне, дар умум агар мо хоҳем тамоми ҷавононро бо тадбирҳои амалии иҷтимоии сиёсати давлатии ҷавонон фаро гирем, пас дар як сол маблағгузории чорабиниҳо вобаста ба татбиқи тадбирҳои иҷтимоии сиёсати давлатии ҷавонон бояд 33 миллион сомониро ташкил диҳад.

Мебояд иброз намуд, ки шумораи нишондодашудаи фарогирӣ танҳо гуруҳҳои мақсаднок ва ё иштирокчиёни бевоситаро дарбар мегирад, зеро мутаносибан фарогирии бавоситаи Барнома ҳудуди 600000 нафар ва ё 20% ҷавонон арзёбӣ мегардад. Чунки мавриди як шахси маълумот гирифта метавонад то 4-5 нафар шахсони дигарро бо иттилооти алоқаманд фаро бигирад.

Сатҳи маблағгузории Барнома дар се соли охир ба маротиб афзудааст, ки ин шаҳодати дастовард дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар мебошад.

Ҷадвали 1




Чӣ тавре аз ҷадвали боло дида мешавад сатҳи маблағгузории Барнома бештар дар сатҳи Кумита 110% ва вилояти Хатлон 72% зиёд гардидааст. Дар сатҳи ВМКБ ва шаҳри Душанбе масъалаи маблағгузорӣ, яъне татбиқи Барнома нигароникунанда боқи мемонад.

Аз инҷо хулоса бармеояд, ки фаъолияти дастгоҳи марказии Кумита дар татбиқи Барнома нисбатан пурмаҳсул мебошад.

Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 аз шаш соҳаҳои афзалиятнок иборат аст ва вобаста ба ҳар яке аз онҳо чорабиниҳои алоқаманд амалӣ гардонида шуданд, ки онҳо чунинанд.

## СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ I. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МАЪНАВИЮ СИЁСӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур 56 лоиҳаҳо ба маблағи 297000 сомонӣ амалӣ гардид, ки дар натиҷа 38179 нафар, аз ҷумла 11946 духтарон

бо чорабиниҳо дар самти маърифати сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди “Баргузории чорабиниҳои ҷумҳуриявии фарҳангӣ, фароғатию ҳуқуқӣ ва маънавию сиёсӣ вобаста ба фаъолгардонӣ ва мутобиқати ҷавонон ба талаботи ҷомеаи муосир” 32 лоиҳаҳо ба маблағи 154000 сомонӣ амалӣ гардид, ки дар натиҷа ба 17640 нафар, аз ҷумла ба 7493 духтарон хизмат расонида шуд.

Аз ҷумла:

– Чун ҳамасола дар соли 2013 Ҳафтаи ҷавонон доир гардид, ки қисми чорабиниҳои он дар доираи Барнома маблағгузорӣ карда шуд. Бахусус мулоқоти навбатии расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар ташкил гардид. Дар доираи мулоқот ороиши саҳна, толор ва даромадгоҳи МД “Кохи Борбад” ва равшании толор ташкил карда шуд. Дар мулоқот 2200 намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ аз ҳисоби табақаҳои гуногуни ҷавонон, олимон, коргарон, муҳаққиқон, хизматчиёни давлатӣ, гирандагони стипендиҳои президентӣ, Кумита ва маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра ширкат карданд. Дар натиҷа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2013 №264 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён гардиданд, иборат аз 25 чорабинӣ ба тасвиб расид;

– Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳои маълумотнокии ҷавонон оид ба муқаддасоти миллӣ мизи мудаввари телевизионӣ "Парчамат парафшон бод Тоҷикистон" дар телевизиони “Шабакаи 1” баргузор гардид;

– Вобаста ба ташаккули заминаи илмии забони давлатӣ ва фаъолгардонии олимони ҷавон дар татбиқи унсурҳои забон машварати илмии олимони ҷавон "Забон пояи тамаддуни миллат" дар ноҳияи Нуробод баргузор гардид;

– Бахшида ба Наврузи байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе чорабинии маърифатию фарҳангӣ баргузор гардид;

– Озмуни ҷумҳуриявӣ "Овози тиллоӣ", ки ҳамасола бо мақсади эҳёи истеъдодҳои нав байни наврасон баргузор мегардад, дар доираи Барнома қисман маблағгузорӣ гардид;

– Лоиҳаи "Фестивали рақсҳои варзишӣ"-и Федератсияи рақсҳои варзишӣ оид ба ташкили чорабиниҳо дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон дастгирӣ карда шуд;

– Дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Данғара, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Панҷ, Ҳисор, Файзобод, Спитамен, Хуҷанд, Исфара, Кӯлоб, Қурғонтеппа оид ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон, тарбияи ватандӯстӣ, муқовиматнокӣ ба омилҳои номатлуб, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва эҳтиром гузоштан ба фарҳанг ва таъриху тамаддуни миллати тоҷик дар байни ҷавонон мулоқотҳо доир гардиданд;

– Барои ихтиёриёни ҷавон, ки мунтазам дар байни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом медиҳанд дар ноҳияи Варзоб лагери ҷумҳуриявии таълимию фароғатӣ ташкил гардид;

– Ҷиҳати ҷалби ихтиёриёи ҷавон барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон Барномаи байнисоҳавии "Ихтиёрии ҷавон" таҳия гардид ва барои татбиқи босамари он дар минтақаҳои кишвар мизҳои мудаввар доир гардиданд. Татбиқи амалии Барномаи байнисоҳавии "Ихтиёрии ҷавон" соли 2014 ба роҳ монда мешавад.

Мутобиқи банди "Баргузории озмунҳо ва чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ дар байни сарбозон ва афсарони ҷавон" 13 чорабиниҳо ба маблағи 77000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд ва дар натиҷа 13906 нафар, аз ҷумла 2802 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Бахшида ба Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон - 23 феврал Фестивали "Суруди сарбоз" бо иштироки қисмҳои ҳарбии шаҳри Душанбе доир гардид;

– мусобиқаи ҳарбию варзишӣ таҳти унвони «Ҳомии Ватан» бо ҷалби афсарону аскарони Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои дохилаи Вазорати корҳои дохилӣ, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ баргузор карда шуд. Сарбозон тибқи шартҳои пешбинишудаи мусобиқа, амсоли машқи сафоройӣ, варзиши сабук, давидан, вазнбардорӣ, бандкашӣ, гулӯлапартоӣ, ҷаҳидан ва расонидани ёрии аввалини тиббӣ қувваозмоӣ намуданд;

– Бахшида ба ҷашни 68-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 7 майи соли 2013 дар Маркази ҷумҳуриявии фарҳангии ҷавонони Тоҷикистон «Ориёно» чорабинии тантанавӣ бо иштироки хонандагон, донишҷӯён, собиқадорони ҷангу меҳнат ва сарбозони мақомотҳои қудратии мамлакат баргузор карда шуд. Ҳамчунин, ба 14 нафар иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанговарони интернатсионалист тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд;

– Ба қисмҳои низомии намунавӣ дар шаҳри Душанбе баҳри шиносоӣ бо ҳаёти сарбозон ва хизмати оянддаи ҳарбӣ саёҳати хонандагон баргузор карда шуд;

– Бахшида ба 20 солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳ байни 6 дастаҳои сарбозони мақомоти қудратӣ дар шаҳри Душанбе мусобиқаи футболи хурд баргузор гардид;

– дар Боғи устод «Рӯдакӣ» Фестивал озмуни сурудҳои ватанпарастонаи «Навои Ватан» миёни дастаҳои қисмҳои ҳарбии вазорату идораҳои қудратӣ бо иштироки 800 нафар сарбозон ва 2500 нафар шаҳрвандони пойтахт доир гардид, ки иштирокчиёни онро санъаткорони ҷавони тамоми минтақаҳои мамлакат аз ҷузъу томҳои мақомотҳои қудратӣ ва мактабҳои олӣ ташкил медоданд. Иштирокчиёни фестивал дар васфи «Тоҷикистон», «Афсари тоҷик», «Ватан», «Ватандорӣ», «Шаҳри азизам», «Кучо рафтӣ», «Ватан», «Меҳри тӯ»,«Тоҷикистон модари ман», «Ватан», «Тоҷикистон», «Меҳри Ватан», «Қаъбаи ҷонам Ватан», «Ҳомии миллат», «Истиқлол» сурудҳо ба иштирокчиён пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби мутахассисони варзидаи соҳаи фарҳанг ва санъати мусиқӣ баҳои баланд гирифтанд. Дар фарҷоми фестивал иштирокчиён бо мукофотҳо ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.;

– Дар байни ҷавонони ноҳияҳои Данғара, Файзобод ва Ҳисор, оид ба таблиғи ғояҳои ватандӯсти, ахлоқи ҳамидаи инсондӯтсӣ ва фарҳангшиносӣ мулоқотҳо доир карда шуданд. Дар доираи мулоқотҳо байни иштирокдорон ва баромадкунандагон суҳбату мунозираҳо атрофи пос доштани фарҳанги миллӣ ва таъриху тамаддуни халқи тоҷик ташкил гардид.

Мутобиқи банди “Таҳия ва татбиқи босамари Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” ҷиҳати ҷалби ҷавонон барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ” 3 лоиҳаҳо ба маблағи 20000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 233 нафар, аз ҷумла 31 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Вобаста ба таҳияи лоиҳаи Барномаи байнисоҳавии “Ихтиёрии ҷавон” дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд ва Хоруғ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои қудратӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мизҳои мудаввар доир гардиданд. Дар чараёни мизҳои мудаввар мақсад, вазифаҳо ва роҳу усулҳои татбиқи Барнома муҳокима гардиданд. Ҳамчунин, дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд барои мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон оид ба татбиқи  Барномаи “Ихтиёрии ҷавон” семинари методию амалӣ доир гардид;

– Оид ба устуворсозии заминаҳои иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон бйни рӯзноманигорон ва наворбардорони ҷавон оид ба таҳияи барномаи беҳтарини кӯтоҳмуддати виедоӣ (видео-ролик) озмун баргузор карда шуд. Дар натиҷа 11 барномаҳои кӯтоҳмуддати тарғиботӣ “Ватан”, “Сулҳу амният”, “Ваҳдату дӯстӣ”, “Саҳми ҷавонон дар ҳифзи марзу буми кишвар” ва “Истиқлолият ва ҷавонон” таҳия ва тариқи шабакаҳои телевизионӣ пахш гардиданд;

Мутобиқи банди “Татбиқи чорабиниҳо дар доираи Барномаи “Ихтиёриёни ҷавон” ҷиҳати ҷалби ҷавонон барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ” 2 лоиҳаҳо ба маблағи 10000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 2400 нафар, аз ҷумла 850 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла, дар ноҳияҳои ВМКБ, Тоҷикобод, Ҷиргатол ва Панҷ дар байни калонсолон ва ҷавонон оид ба татбиқи Барномаи байнисоҳавии “Ихтиёриёни ҷавон” мулоқотҳо доир гардиданд. Дар мулоқотҳо вобаста ба ҷалби ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва тарбияи ватандӯстии онҳо суҳбату мунозираҳо ташкил гардиданд.

Мутобиқи банди “Ташкил ва пахши барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ вобаста ба татбиқи босамари принсипҳои таблиғии сиёсати давлатии ҷавонон” 6 лоиҳаҳо ба маблағи 25000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 4000 нафар, аз ҷумла 770 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Дар ноҳияи Тоҷикобод дар мавзӯи "Сиёсати давлатии ҷавонон ва мавқеи сиёсии ҷавонон дар раванди ҷаҳонишавӣ" бо иштироки васеи ҷавонони маҳал чорабинии маърифатию иттилоотӣ баргузор гардид;

– Ҷиҳати баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстию фарҳангӣ ва таъмини фароғати кормандони дастгоҳи марказии Кумита дар Театри Маяковский барномаи театрӣ намоиш дода шуд;

– Оид ба баланд бардоштани фаъолнокии сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар қисмҳои ҳарбии ш.Душанбе мулоқотҳо доир гардиданд. Дар ҷараёни мулоқотҳо оид ба дастовардҳо ва мавқеъи сиёсии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ва таъриху тамаддун, ҳувият ва худшиносии миллӣ суҳбату мунозираҳо баргузор шуданд;

– Бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва омодагӣ ба мулоқоти навбатии расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони ҷавонон тавассути Шабакаи аввали телевизиони Тоҷикистон 7 силсилафилми телевизонӣ дар мавзӯи "Аз мулоқот то мулоқот бо ҷавонон" пахш гардид. Силсилафилмҳо оид ба дастовардҳо, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷавонон ва дастгирию тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти «Нақши ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ», «Дастгирӣ ва рушди имконоти ҷавонон ба таҳсили муосир ва эҷодкорӣ», «Тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии ҷавонон», «Ташакули тарзи ҳаёти солими ҷавонон», «Рушди имконоти шуғл ва соҳибкории ҷавонон», «Беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷавонон» ва «Фарҳангу фароғати ҷавонон» аз 17 то 23 майи соли 2013 омода ва инъикос карда шуданд;

– Бо мақсади тарбияи ахлоқӣ ва ватандӯстии ҷавонон дар толори Кинотетари "Ҷавонон" намоиши филмҳои ватандӯстона, таърихӣ ва таҳамулпазирӣ ташкил карда шуданд.

## СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ II. РУШДИ ИМКОНОТИ ИҶТИМОӢ ВА МУСОИДАТ БА МУСТАҚИЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶАВОНОН

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур 110 лоиҳаҳо, бахусус 17 лоиҳаҳо ба маблағи 690000 сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 293600 аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардонида шуданд, ки дар натиҷа 62529 нафар, аз ҷумла 49176 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди "Дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавонон дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ" 23 лоиҳаҳо, бахусус 17 лоиҳаҳои марказҳои ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба маблағи 269000 сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 113200 аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардонида шуданд, ки дар натиҷа 57077 нафар, аз ҷумла 16251 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Дар самти **фаъолнокии сиёсии ҷавонон** Ташкилоти ҷамъиятии «ШОТО» барои татбиқи Лоиҳаи «Ваҳдатшиносӣ» дар шаҳри Хуҷанд ба маблағи 18000 сомонӣ ва Ташкилоти ҷамъиятии «Самар» барои татбиқи Лоиҳаи "Муайянсозии мавқеъи ҷавонон оид ба сиёсати давлатии ҷавонон" дар минтақаи Рашт ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ гардиданд;

– Дар самти **таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон** Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонони созанда» барои татбиқи Лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонони Данғара оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ» дар ноҳияи Данғара ба маблағи 20000 сомонӣ, Ташкилоти ҷамъиятии «ШОТО» барои татбиқи Лоиҳаи дархостии «Духтарони пешвои шаҳри Исфара» дар шаҳри

Исфара ба маблағи 12000 сомонӣ ва КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» барои татбиқи Лоиҳаи «Пешгирии поймолшавии ҳуқуқҳои ҷавонони ба муҳоҷирати меҳнатӣ майлдошта ё аллакай муҳоҷираткарда» дар шаҳри Ваҳдат ба маблағи 15500 сомонӣ дастгирӣ карда шуданд;

– Дар самти **рушди соҳибкорӣ ҷавонон** КВД «Маркази ҷавонони ноҳияи Данғара» барои татбиқи Лоиҳаи «Касбомӯзии духтарон» дар ноҳияи Данғара ба маблағи 20000 сомонӣ, Ташкилоти ҷамъиятии «Насли нави Тоҷикистон» барои татбиқи Лоиҳаи «Рушди соҳибкорӣ барои ҷавонони бекори шаҳри Душанбе ва НТҶ» ба маблағи 15000 сомонӣ ва КВД «Маркази ҷавонони ноҳияи Ҳисор, ҷамоати Дурбат» барои татбиқи Лоиҳаи «Коргоҳи дӯзандагии ҷавондухтарон» дар ноҳияи Ҳисор ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ гардиданд;

– Дар самти **паст кардани сатҳи бекорӣ** Ташкилоти ҷамъиятии «Ваҳдати ҷавонон» барои татбиқи Лоиҳаи "Муҳоҷири ҷавон" дар шаҳри Хуҷанд ба маблағи 17600 сомонӣ, Ташкилоти ҷамъиятии «Рушди Шӯробод» барои татбиқи Лоиҳаи «Роҳу усулҳои паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани фарҳанги муҳоҷири меҳнатӣ байни бонувону ҷавонон» дар ноҳияи Шӯрообод ба маблағи 15000 сомонӣ ва Ташкилоти ҷамъиятии «Зуҳал» барои татбиқи Лоиҳаи «Паст кардани сатҳи бекорӣ байни ҷавонон бо роҳҳои мусоидат дар раванди соҳибкорӣ» дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба маблағи 8500 сомонӣ дастгирӣ ёфтанд;

– Дар самти **рушди эҷодкориҳо дар байни ҷавонон** Ташкилоти ҷамъиятии «Амал-плюс» барои татбиқи Лоиҳаи «Мактаби рӯзноманигорони ҷавон дар шаҳри Қӯрғонтеппа» ба маблағи 10000 сомонӣ ва Ташкилоти ҷамъиятии «Сайёр» барои татбиқи Лоиҳаи «Рушди сифатҳои лидерӣ-роҳбарӣ миёни ҷавонон дар ш.Ваҳдат» ба маблағи 10000 сомонӣ дастгирӣ карда шуданд;

– Дар самти **пешгирии хариду фурӯши одамон** Ташкилоти ҷамъиятии «Меҳан» барои татбиқи Лоиҳаи «Ҷавонон муқобили хариду фурӯши одамон дар ноҳияи Всоеъ» ба маблағи 15000 сомонӣ, Ташкилоти ҷамъиятии «Занони шарқ» барои амалисозии Лоиҳаи «Баланд бардоштан ва воқифгардонии ҷавонони шаҳри Панҷакент, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд оид ба пешгирии ҳолатҳои хариду фурӯши одамон» ба маблағи 10000 сомонӣ ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ «Ҷавонони раванди рушд» барои татбиқи Лоиҳаи «Пешгирии омилҳои номатлуб (ҷинояткорӣ, худкӯшӣ ва ғайра) миёни ҷавонони шаҳри Душанбе ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ гардиданд;

– Дар самти **танзими оила ва солимии репродуктивӣ** Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонони ташаббускори Тоҷикистон» барои татбиқи Лоиҳаи "Ҷавонони солим" дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Хоруғ ба маблағи 30000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Боиси зикр аст, ки тамоми лоиҳаҳои дастгирӣ шуда, дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба фармоиши иҷтимоии давлатӣ" мутобиқи озмун интихоб гардиданд ва бо онҳо шартномаи алоқаманд ба имзо расонида шуд. Вобаста ба чараёни амалисозии фармоиши иҷтимоии давлатӣ муфассалтар дар поён оварда мешавад.

Мутобиқи банди "Ташкили чорабиниҳои методию амалӣ дар самти рушди соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ дар байни ҷавонон" 10 лоиҳаҳо ба маблағи

133000 сомонӣ, аз ҷумла аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ 95000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 2805 нафар, аз ҷумла 1643 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Лоиҳаи "Нигоҳи нав", ки аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии "Ҷавонони асри 21" пешниҳод карда шуда буд, дастгирӣ гардид. Мутобиқи ин лоиҳа дар шаҳри Душанбе ҳудуди 10 рӯз намоишҳои театрии санъаткорони ҷавон манзури шаҳрвандони ҷавони шаҳри Душанбе гардонида шуданд;

– Дар ноҳияи Балҷувон миёни ҷавонон чорабинии фарҳангию фароғатӣ ва тарбиявӣ доир гардид;

– Оид ба омӯзонидани ҷавонони ба соҳибкори майлдошта ва ҷавонони соҳибкор бо малакаҳои таҳия ва амалисозии нақшаҳои соҳибкорӣ/тиҷоратӣ тавассути КВД “Клуби соҳибкорони ҷавон” давраҳои омӯзишӣ ташкил гардиданд. Дар натиҷаи ин давраҳо 70 нафар бо малакаҳои соҳибкорӣ дар шароити ҷомеаи муосир омӯзонида шуданд;

– Дар ноҳияи Балҷувон оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ мизи мудаввар бо иштироки масъулини маҳал ва соҳибкорони ҷавон доир гардид.

Мутобиқи банди “Ташкили чорабиниҳо оид ба паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон” 8 лоиҳаҳо ба маблағи 30000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 920 нафар, аз ҷумла 480 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши ҷавонони аз гурӯҳҳои осебпазир дар шаҳри Душанбе давраҳои омӯзиши интернетӣ ташкил карда шуданд. Дар натиҷа ҳар семоҳа то 15 нафар имкон пайдо карданд, ки бо усулҳои истифодаи интернет шинос шаванд;

– Бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҷавонон - 12 август бо иштироки намояндагони ҷавонони Тоҷикистонӣ, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, сохторҳои кор бо ҷавонон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалии муқими Тоҷикистон чорабинии маърифатӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ барои хоҳишмандон оид ба ҳаракати ихтиёрӣ, кор дар команда мизҳои мудаввари омӯзишӣ ташкил гардид;

– Бо мақсади омӯзонидани ҷавонони бекор, бахусус ҷавонони майли муҳоҷирати меҳнатӣ дошта бо забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ давраҳои омӯзишӣ ташкил гардид. Бо ин мақсад дар давраи ҳисоботӣ 65 нафар фаро гирифта шуд. Дар таносубнокӣ бо талаботи воқеӣ ин рақам хело кам аст, вале он чун як системаи омӯзиш ва ё омодасозӣ ташаккулёфта махсуб мегардад;

– Бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе чорабинии маърифатию иттилоотӣ бо иштироки роҳбарияти Кумита, намояндагони ҷавонони фаъол, сарбозон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардид. Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ санъаткорони ҷавон табъи иштирокчиёнро бо сурудҳои тозаэҷоди хеш болида гардониданд.

Мутобиқи банди “Баргузории чорабиниҳо оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон” 3 лоиҳаҳо ба маблағи 45000

сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 400 нафар, аз ҷумла 250 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Дар самти фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар раванди ҷаҳонишавӣ ва пешгирии омилҳои номатлуб дар бйни ҷавонон дар минтақаи Кӯлоб силсилаи чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ гузаронида шуданд;

– Ҷиҳати ба кор таъминкунии ҷавонони бекор дар дохил ва хориҷи кишвар дар шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятҳо мизҳои мудаввар ва ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуданд. Мутобиқи талаботи бозори меҳнат ин тадбирҳо таҷдиди назарро талаб мекунанд, чун на ҳамаи корҷуён дастрасӣ ба иттилоот оид ба ҷойҳои кории холӣ доранд ва на ҳамеша ихтисос ва ё касби онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавогӯй аст.

Мутобиқи банди "Ташкили чорабиниҳои маърифатӣ оид ба бартараф намудани мушкилоти иҷтимоӣ дар ҳаёти оилаҳои ҷавон ва ҷавонон" 9 лоиҳаҳо ба маблағи 35000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 6030 нафар, аз ҷумла 1621 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Оид ба танзими оила ва расму оинҳои миллӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа бо ҷавонон мулоқотҳо баргузор карда шуданд. Дар ҳама мулоқотҳои доиршуда намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ҳизби халқии демократӣ, имомхатибони масҷидҳо, уламои дин, фаъолони шаҳру ноҳияҳо, раисони маҳаллаҳо ширкат варзида, миёни ҷавонон ва занони хонанишин оид ба татбиқ ва моҳияти иҷрои Қонунҳо "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" ва атрофи масъалаҳои пешгирии омилҳои номатлуби ҷомеа, паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ миёни ноболиғон, ҷавонон, инчунин донишҷӯёне, ки ғайриқонунӣ дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, фаро гирифтани онҳо бо таҳсил ва таъмини ҷои кор дар қаламрави ҷумҳурӣ, беҳтар намудани таълиму тарбияи насли наврас сӯҳбату мулоқотҳо карданд. Тамоми чорабиниҳои баргузоршуда тариқи шабакаҳои телевизионӣ инъикос карда шуданд.

– Дар ноҳияи Данғара оид ба баланд бардоштани маълумотнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон семинари омӯзишӣ доир гардид. Дар семинар барои намояндагони ҷавон аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва донишҷӯёни фаъол оид ба масъалаҳои марбут ба ҷинояткорӣ, хариду фурӯши инсон, меҳнати маҷбурии кӯдакон, худкушӣ ва ғайра омӯзиш гузаронида шуд;

– Оид ба пешгирии ҳолатҳои никоҳи барвақтӣ ва танзими оила дар ноҳияи Ҳамадонӣ мизи мудаввари минтақавӣ доир гардид. Дар мизи мудаввар оид ба танзим ва банақшагирии оила, пешгирии ҳолатҳои никоҳи барвақтӣ, танзими урфу одатҳо сухбату мунозираҳо доир карда шуданд.

Мутобиқи банди "Дастгирии моддӣ ва молиявии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат" 32 лоиҳаҳо бо дарназардошти дастгирии 22 нафар ҷавонон ва оилаҳои ҷавони ниёзманд ба маблағи 78000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 594 нафар, аз ҷумла 219 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Барои дастгирии моддӣ ҷавонон аз оилаҳои камбизоат вобаста ба беҳдошти вазъи зиндагӣ бо тафдон, мошинаи дарздузӣ, аробачаи маъюбӣ, маҷмӯи чойнику пиёла ва ғайра таъмин карда шуданд;

– Мактаб - интернатҳои ноҳияҳои Қубодиён ва Муминобод аз лиҳози моддӣ, ба монанди кати хоб, орд, шакар, равған, пиёз, картошка, макарон, маводи дафтардорӣ, таъмини фароғат дар айёми таътили тобистона ва ғайра дастгирӣ карда шуданд. Воқеан ҳам имрӯз мактаб-интернатҳо, ки асосан наврасон ва ҷавонони муҳтоҷро бо таълиму тарбия ва таъмини доимии либосу хӯрока фаро мегиранд, ба таҷдиди амиқи моддӣ, ба монанди таъмири биноҳо, таъмини катҳои хоб, ташкили марказҳои компютерӣ, китобхонаҳои муосир ва ғайра ниёз доранд. Яъне, ин тадбирҳо хело кам мебошанд, вале зарур аст, ки саҳмгузории дастҷамъона дар ин самт андешида шаванд;

– Барои беҳдошти вазъи иҷтимоӣ 22 шаҳрвандони ҷавон ниёзманд Шамсиддинова А., Достиева С., Ҷумаева М., Мамасолиева Г., Нуриддинов Ф., Умедаи Ҳ., Ғаюров А., Ганҷинаи Ҳ., Арипов Т., Шамсиддинов И., Қурбонов А., Ирҷонова Х., Умари А., Шарифова Ф., Маҳмудов Ҷ., Қодиров Г., Холиқова У., Лутфуллоев И., Шарипов Д., Махсудов А., Нурзода М. ва Тағоев А. ба маблағи 24000 сомонӣ дастгирӣ карда шуданд. Ҷавонони ниёзманд асосан барои беҳдошти вазъи саломатӣ, таъмини манзили истиқоматӣ, таҳсил ва ғайра дастгирӣ гардиданд. Тибқи муроҷиатҳо ба ин навъи хизматрасонӣ шумораи зиёди ҷавонон ниёз доранд, вале бинобар кам будани иқтидори молиявии Барнома дастгирии онҳо ғайриимкон мебошад.

Мутобиқи банди "Баргузории чорабиниҳо оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, аз қабили нашъаҷалобӣ, ғоратгарӣ, дуздӣ, одамкушӣ, хариду фурӯши одамон, таҷовуз ба номус ва ғайра дар байни ҷавонон" 10 лоиҳаҳо ба маблағи 36730 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 21210 нафар, аз ҷумла 10519 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Оид ба пешгирии хариду фурӯши одамон ва ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон дар ноҳияҳои наздисарҳадии Шӯрообод, Ҳамадонӣ ва Ховалинг мулоқотҳо ташкил гардиданд. Дар ҷараёни мулоқотҳо бо иштирокчиён оид ба мавзӯи баррасигашта саволу ҷавоб амалӣ гашт ва фаъолон бо туҳфаҳо ҳавасманд сохта шуданд;

– Оид ба маърифатнокии ҷавонон ва эмин доштани онҳо аз ҷинояткорӣ, аз ҷумла хариду фурӯши одамон дар минтакаи Рашт мулоқотҳо баргузор гардиданд. Дар мулоқотҳо намояндагони ҷавонони фаъол, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ширкат варзиданд;

– Фаъолияти Маҳфилҳои минтақавии ҷавонон оид ба пешгирии хариду фурӯши одамон дар шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдат вобаста ба амалигардонии чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ такмил дода шуд;

– Дар мавзӯи «Муқобилият ба хариду фурӯши одамон» дар байни ҷавонони шаҳри Ваҳдат давраҳои хурди омӯзишӣ ташкил карда шуд. Дар натиҷаи семинар шахсони омӯзонидашуда байни ҳамсолони худ чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил карданд;

– Дар ноҳияи Ҳисор (ҷамоатҳои Хонақо (Шоҳамбарӣ), Ориён, Дурбат ва Турсунзода), шаҳри Ваҳдат (ҷамоатҳои Ромит, Чорсӯ, Симиганҷ ва Баҳор), ноҳияи Ёвон (ҷамоатҳои Гулсара Юсупова, Даҳана, Обимӯкӣ ва Ҳасан Ҳусейнов (Озодӣ) ва ноҳияи Данғара (ҷамоатҳои Себистон, Исмат Шарифӣ (Ҷартеппа), Корез (Ғарғара) ва Сангтуда) оид ба муқобилият ба хариду фурӯши одамон дар мавзӯҳои «Нашъаҷалобӣ доғи ҷавонӣ», «Истисмори кӯдакон - нокомии виҷдон», «Танфурӯшӣ кафили хариду фурӯши инсон» ва «Ғуломӣ дар муҳоҷират» Театри сайёр ташкил карда шуд, ки дар натиҷа 2600 наврасон ва ҷавонон бо иттилооти алоқаманд ба муқовиматнокӣ ба хариду фурӯши одамон фаро гирифта шуданд. Барномаҳои театрӣ дар доираи Барнома ва Лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ ва маърифатнокии ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон тавассути ташкили барномаҳои театрӣ амалӣ гардонида шуданд.

Мутобиқи банди "Ташкили чорабиниҳои маърифатию омӯзишӣ ва методӣ оид ба таъсис ва рушди фаъолияти марказҳои ҷавонон" 7 лоиҳаҳо ба маблағи 122900 сомонӣ, бо дарназардошти 67900 сомонӣ аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 1883 нафар, аз ҷумла 900 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Баргузории Форуми VI-уми умумиҷумҳуриявии ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон дастгирӣ карда шуд; Форум ҳамчун майдони табодули таҷрибаҳо, дарёфти роҳу усулҳои бартараф сохатни мушкилот ва рушди ҳамкориҳо дар байни ташкилотҳои кор бо ҷавонон, бахусус ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба ҳукми анъана даромадааст ва он ҳамасола (дар як сол як маротиба) баргузор карда мешавад. Ташаббускори бевоситаи Форум Иттиҳодияи Ташкилотҳои Ҷавонони Тоҷикистон (ИТҶТ) ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. ИТҶТ созмони мустақили муттаҳидкунандаи ҳаркатҳои ҷавонон буда, он барои фароҳам овардани механизм, системаи ҳамоҳангсозӣ, дастгирӣ ва ҳамкории мутақобилан судманди ташкилотҳои кор бо ҷавонон равона гардидааст. Вазифаҳои асосии ИТҶТ ин таъмини иштироки ташкилотҳои кор бо ҷавонон дар рушд ва дигаргун сохтани ҷамъият ва давлат, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд ва устувории ташкилотҳои ҷавонон ва иштироки фаъоли онҳо дар таҳия ва татбиқи барномаҳои соҳавии сиёсати давлатии ҷавонон, ташаккули заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҷалби институтҳои давлатӣ, бахусус мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар амалисозии барномаҳои муҳими иҷтимоӣ тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Иштирокчиён Форум асосан 85 аъзоёни ИТҶТ буданд. Дар Форум вобаста ба масъалаҳои мубрами ҳаётӣ барои ҷавонон ва ташкилотҳои кор бо ҷавонон, бахусус ҷиҳати устувор гардонидани фаъолият машғулиятҳои хурди омӯзишӣ дар мавзӯҳои «Фармоиши иҷтимоии давлатӣ (грантҳо) тавассути Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ», «Андозбандӣ ва таъминоти ҳуқуқии ташкилотҳои кор бо ҷавонон» ва «Иштироки ҷавонон баҳри рушди саломатӣ» доир гардиданд. Дар қисмати ниҳоии Форум муроҷиатномаи ташкилотҳои кор бо ҷавонон оид ба беҳдошти вазъи фаъолият ва саҳми онҳо дар татбиқи сиёсати ҷавонон қабул шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд;

– Дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ҷамоатҳои шаҳри Ваҳдат семинарҳо баргузор гардиданд. Мавзӯи семинарҳо асосан пешгирии бемориҳои махсусан хавфнок, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ ва БВАҶГ-ро фаро гирифтанд;

– Лоиҳаи "Мактаби лидерони ҷавон"-и Ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" дастгирӣ карда шуд. Дар доираи Лоиҳа барои 100 нафар ҷавонони фаъол аз минтақаҳои гуногуни кишвар дар шаҳри Қароққум лагери таълимию фароғатӣ ташкил гардид. Дар ҷараёни Лагер масъалаҳои марбут ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки он дар татбиқи барномаҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд;

– Лоиҳаи "Дониш асоси зиндагист"-и Ташкилоти ҷамъиятии "Пешсаф" дастгирӣ карда шуд. Дар доираи Лоиҳа барои ҷавонон ҷиҳати омӯзиши малакаҳои сарварӣ давраҳои хурд ташкил карда шуданд;

– Бо мақсади ҷалби ҷавонон ба машғулиятҳои фоиданок дар аёми таътили тобистона тариқи шабакаи ТВ1 озмунҳои телевизионии бозиҳои маърифатӣ "Тобистони бачагӣ" баргузор гардиданд;

– Академияи хурди илмҳо барои ташкили лагери тобистона барои ҷавонон дастгирӣ карда шуд.

Мутобиқи банди "Дастгирии моддӣ ва молиявии марказҳои ҷавонон" 10 лоиҳаҳо ба маблағи 70000 сомонӣ, бо дарназардошти 17500 сомонӣ аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 1800 нафар, аз ҷумла 870 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Барои марказҳои ҷавонон, сохторҳои маҳаллӣ ва дастгоҳи маркази Кумита компютер ва мошинаҳои дузандагӣ харидорӣ ва таъмин карда шуданд;

– Марказҳои ҷавонони ноҳияҳои Балҷувон ва Данғара ва лоиҳаҳои ҷумҳуриявии Кумита ҷиҳати такмили фаъолият дастгирӣ карда шуданд;

– Ташкилоти ҷамъиятии "Маркази дастгирии занон ва кӯдакон З.Рустамова" барои такмили фаъолият дастгирӣ карда шуд;

– Маҳфили минтақавии ҷавонон оид ба мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар шаҳри Душанбе ҷиҳати устувории фаъолият дар баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар байни ҷавонон дастгирӣ карда шуд;

– Лоиҳаи "Ҳаёти ҳақиқӣ" (Real life)-и Ташкилоти ҷамъиятии "Даст ба даст" вобаста ба баргузории чорабиниҳои фарҳангию тарбиявӣ дар байни ҷавонони шаҳри Душанбе дастгирӣ карда шуд.

## СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ III. РУШДИ САЛОМАТИИ ҶАВОНОН

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур 36 лоиҳаҳо ба маблағи 175000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 11697 нафар, аз ҷумла 6139 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди "Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО ва БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон" 17 лоиҳаҳо ба маблағи 80900 сомонӣ

амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 6255 нафар, аз ҷумла 3003 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Лоиҳаи "Варзиш гарави саломатист"-и Ташкилоти ҷамъиятии “Рушди Анзоб” дастгирӣ карда шуд. Дар натиҷа барои ҷавонони ҷамоати деҳоти Анзоби ноҳияи Айнӣ давоми 3 моҳ мусобиқаҳои варзишии футбол ва волейбол ташкил карда шуданд;

– Оид ба омода кардани ихтиёриён ҷиҳати маърифатнокӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷавонон дар ноҳияи Данғара тренинг гузаронид шуд;

– Иштирокчиёни (ғолибони) Бозиҳои варзишии донишҷӯён ҳавасманд гардонида шуданд. Боиси зикр аст, ки Бозиҳои варзишии донишҷӯён ва ё Универсиада ҳамсола дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон баргузор мегардад. Соли 2013 он дар Тотористон ташкил гардид, ки дар он бори аввал донишҷӯ-варзишгарони Тоҷикистонӣ тавонистанд дар чанд риштаҳо ғолибият ба даст оранд;

– Экспедитсияи кӯҳнаварди ҷавон Муминов Ф. аз лиҳози молиявӣ дастгирӣ карда шуд. Муминов Ф. яке аз куҳнавардоне мебошад, ки якчанд қуллаҳои кuҳҳои кишварҳои гуногуни ҷаҳонро фатҳ карда, Тоҷикистонро муаррифӣ кардааст. Идома додани дастгирии чунин иқдомот дар шароити ҷаҳони муосир бо фаррох гардидани имконот мувофиқи мақсад аст;

– Оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши наврасон ва ҷавонон оид ба пешгирии ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар шаҳри Душанбе тренингҳои (машғулиятҳои) омӯзишӣ баргузор гардиданд;

– Барои баланд бардоштани сатҳи дониши ихтиёриёни ҷавони Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим тренинги омӯзишии чоррӯза баргузор гардид. Фаъолияти ихтиёригӣ дар ҷаҳон ягона фаъолияти каммасраф баҳогузорӣ гардидааст ва барои кишвари мо, ки танқисии молӣ дорад, рушд додани ин ҳаракати ҷамъиятӣ аз манфиат холӣ нест. Дар ҳамин радиф танҳо дар доираи фаъолияти Кумита ҳудуди 1500 ихтиёриён машғули таблиғи ғояҳои сиёсати давлатии ҷавонон ва беҳдошти вазъи иҷтимоии ҷавонон мебошанд, вале онҳо ба омӯзиши доимӣ ниёз доранд, чун аз қишрҳои гуноугни ҷавононанд ва на зиёд аз 2-3 соли машғули фаъолияти ихтиёрӣ мегарданд;

– Оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва худкушӣ дар байни ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Истаравшан ва Мастчоҳ силсилаи вохӯриву мулоқотҳо баргузор гардиданд. Дар ҳар мулоқоту вохӯриҳо наврасону ҷавонони фаро гирфиташуда, вобаста ба масъалаҳои зикршуда масъулони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, имомхатибони масҷидҳо, уламои дин ва фаъолони шаҳру ноҳияҳо фикру андешаҳои худро иброз намуданд;

– Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷавонони ба муҳоҷирати меҳнати майлдошта дар шаҳри Душанбе силсилаи семинарҳои омӯзишӣ ва машваратӣ барои 1000 нафар ҷавонон доир гардиданд;

– Маҳфили ихтиёриёни ҷавони ноҳияи Шӯрообод барои гузаронидани мулоқотҳо дар самти ташаккулитарзи ҳаёти солим дастгирӣ карда шуд. Мулоқотҳои дар байни ҷавонони ҷамоатҳо гузаронида шуданд;

– Дар самти пешгирии ВНМО/БПНМ, БСҶ ва нашъамандӣ бо истифода аз усулҳои иноватсионӣ дар шаҳри Душанбе давраҳои омӯзишӣ ташкил гардиданд. Ин усули нави таъмини иттилоотӣ буда, он тавассути фиттаҳои махсус ва компютер роҳандозӣ мегардад. Яъне, махсус фиттаҳо бо маълумоти алоқаманд омода карда шудаанд, ки шахс метавонад онро дар дилхоҳ вақти қуллай, танҳо ва ё бо ҳамроҳии ду се нафар омӯзад ва дар охир дар сурати бомуваффақият омӯхтани он ва ҷавоб додан ба саволҳои тестии гузошташуда, соҳиби сертификат гардад.

Мутобиқи банди “Баргузории таҳқиқотҳои сотсиологӣ оид ба муайян сохтани омилҳои сар задани зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла бемориҳои сироятии ҷинсӣ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ дар байни ҷавонон” 3 лоиҳаҳо ба маблағи 40000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 3400 нафар, аз ҷумла 1700 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Татбиқи Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «Ҳамсол ба ҳамсол» (минбаъд –«Барнома») дар Тоҷикистон аз соли 2002 оғоз гардид ва то айни ҳол зиёда аз 80% ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавононро фаро гирифта, дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ паҳн шудааст. Айни замон Барнома қисми низоми рушди фаъолияти ташкилотҳои ҷавонон, алалхусус иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои хавфнок дар байни ҷавонон, ҳифзи муҳити зист ва ғайра эътироф шудааст. Тоҷикистон дар самти истифодаи босамари барномаҳои мазкур равона аст ва минбаъд низоми татбиқи Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «Ҳамсол ба ҳамсол» ва ҳамгироии онро бо ташаббусҳои ихтиёриён ташаккул додан зарурат дорад. Бо ин мақсад аз ҷониби Кумита моҳи июл то сентябри 2013 сол дар байни 30 ташкилотҳои ҷавонон, ки дар доираи Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «Ҳамсол ба ҳамсол» фаъолият мебаранд, таҳлили вазъият (пурсиш) гузаронида шуд. Пурсиш бо назардошти меъёрҳои байналмилалии принсипи омӯзиши «Ҳамсол ба ҳамсол» амалӣ карда шуд. Мутаассифона, новобаста аз мақоми фаъоли ташкилотҳои ҷавонон дар татбиқи фаъолият тибқи принсипи омӯзиши «Ҳамсол ба ҳамсол» сатҳи татбиқи Барнома дар сатҳи умумӣ ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ шудааст. Дар ҳеҷ кадоме аз ташкилотҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «Ҳамсол ба ҳамсол»-и таҳия ва тасдиқшуда ҳамчун қисмати махсуси фаъолият пайдо нагардид, ҳарчанде, ки он дар амал аст. Барномаи мазкур қисмати зиёди (тақрибан 70%) фаъолияти 65% ташкилотҳоро ташкил медиҳад;

– Лоиҳаи “Воситаҳои дастрас” Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ карда шуд, ки он ба фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушди имконоти соҳибкории ҷавонон мусоидат менамояд.

Мутобиқи банди “Ташкили чорабиниҳои маърифатӣ оид ба масъалаҳои танзими оила ва саломатии репродуктивии ҷавонон” 16 лоиҳаҳо ба маблағи 45000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 2042 нафар, аз ҷумла 1436 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Ҷиҳати такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон оид ба пешгирии ВНМО/БПНМ ва нашъмандӣ дар шаҳри Душанбе тренинги омӯзишӣ гузаронида шуд. Дар тренинг 20 нафар мутахассисон ширкат варзида малакаи кории онҳо оид ба муқовиматнокӣ ба ВНМО/БПНМ такмил дода шуд;

– Бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон дар самти танзими оила дар ноҳияи Шӯрообод мулоқотҳо доир гардиданд. Дар мулоқотҳо маҳфили саволу ҷавоб ташкил гардида, иштирокдорони фаъол бо тухфаҳо ҳавасманд гардонида шуданд;

– Оид ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи кории ихтиёриёни ҷавони Маркази миллии имконоти ҷавонон ва Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон дар самти танзими оила ва саломатии репродуктивии ҷавонон машғулияти омӯзишӣ баргузор гардид;

– Дар мавзӯи “Ташаккули тарзи ҳаёти солим” дар ноҳияи Нуробод мизи мудаввар доир карда шуд. Мизи мудаввар бо иштироки мутахассисон ва намояндагони ҷавони маҳал ташкил гардид;

– Дар асоси қарори Раёсати Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон аз 20 июни соли 2013 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат» 21 сентябри соли 2013 Анҷумани X Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон доир карда шуд. Дар Анҷуман 1200 вакилони дар коференсияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ интихобшуда, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васоити ахбори омма ширкат варзиданд. Аз рӯи яке аз масъалаҳои Анҷуман оид ба пешбарии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон вакил аз шаҳри Душанбе, ҷоизадори Бозиҳои XXX олимпӣ (Лондон-2012) Мавзуна Чориева баромад намуда, оид ба дастовардҳои мардуми тоҷик, бахусус ҷавонону варзишгарон дар даврони соҳибистиқлолӣ ёдовар шуд. Инчунин, мавсуф дар бораи хизматҳои пайвастаи Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар бобати таъмини сулҳу суббот, ваҳдату якпорчагӣ, барқароркунии иқтисоди харобгаштаи кишвар, бахусус дар ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон суханронӣ кард ва Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун номзад ба мансаби Президенти Тоҷикистон аз Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон пешбарӣ намуд. Вакилон аз ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияи Файзобод дар атрофи мавзӯҳои «Эмомалӣ Раҳмон-сулҳофари мардуми тоҷик», «Эмомалӣ Раҳмон-эҳёгари ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Эмомалӣ Раҳмон-маорифпарвар», «Эмомалӣ Раҳмон-бунёдгари ҷомеа шаҳрвандӣ» ва «Эмомалӣ Раҳмон-пуштибони ҷавонон» баромадҳо карданд. Кулли иштирокчиён-вакилони Анҷуман масъалаи пешбарӣ намудани Эмомалӣ Раҳмонро ба сифати номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон аз Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистонро якдилона дастгирӣ намуданд. Вобаста ба ин масъала қарори дахлдори Анҷуман қабул карда шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ба Комиссияи марказии интихобот ва райпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

## СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ IV. МУСОИДАТ БА ТАЪЛИМИ МУАССИР ВА ДАСТГИРИИ ЭҶОДИЁТИ ҶАВОНОН

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур 72 лоиҳаҳо ба маблағи 216000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 1639 нафар, аз ҷумла 693 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди “Ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдод” 15 лоиҳаҳо, асосан маводи чопӣ ба маблағи 26647 сомонӣ амалӣ гардонида шуданд.

Аз ҷумла:

– Китоби "Таҷаллибахш", ки бадеӣ буда, ифодагари хулку атвори инсонӣ ва ҳидоятсози ҷавонон ба таҳамулпазирӣ, фарҳангдӯстӣ ва хештаншиносӣ мебошад. Китоби мазкур дар 200 нусха чоп гардид;

– Бо мақсади таъмини шафофият ва ташкили шароити мусоид ва дастрас барои иштирок дар озмунҳо вобаста ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус фармоиши иҷтимоии давлатӣ тавассути Ҳафтаномаи "Азия Плюс" элонҳо чоп гардиданд;

– Ҷиҳати тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, маданияти суханварӣ, эҳтиром гузоштан ва пос доштани фарҳанг, таърих ва тамаддуни миллӣ дар мавзӯи "Адаб пирояи нодону доност" мизи мудаввари телевизионӣ баргузор гардид;

– Бо мақсади рушди имконоти фазои иттилоотии мутахассисони Кумита ва таҳлилу баррасии вазъият оид ба ҳаёту фаъолияти ҳамарӯзаи ҷавонон ба ҳафтаномаҳои «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Бонувони Тоҷикистон», «Садои мардум», «Народная газета», «Халқӣ овозӣ», «Спорт» ва «Корвони умед» обуна шуда, онҳо мавриди корбарии доимӣ қарор дода шуданд;

– Дар шароити ҷомеаи муосир технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаи интернетӣ мавқеъи хосро ишғол кардааст. Имрӯз бо истифода бурдан аз имконоти шабакаи интернетӣ дар як лаҳза тамоми маълумоти алоқамандро мумкин аст, ки дастрас намоем. Ҳамчунин, шабакаи интернетӣ василаи муаррифии дихоҳ фаъолият гардидааст ва имрӯз мутахассисон аксар вақт тамоми фаъолияти худро, аз ҷумла иттилооти заруриро тавассути ҳамин шабака дастрас менамоянд. Кор тавассути қоғаз ва почтаҳои сайёр бошад, камтаваҷҷӯҳ ва камистифода гардидаанд. Дар ҳамин радиф бо истифода аз имконоти технологияҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаи интернетӣ мумкин аст, ки тамоми фаъолият, аз ҷумла дастовардҳо ва ахбороти ҳаррӯза манзури теъдоди васеъи одамон дар сартосари ҷаҳон гардад. Бо ҳамин мақсад ҷиҳати таҳким ва азнавкунии сомонаи интернетии Кумита www.youth.tj мутахассиси алоқаманди соҳа барои кор ҷалб карда шуд.

– Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа нишастҳои матбуотӣ ташкил гардиданд, ки дар он теъдоди зиёди намояндагони ВАО ҷалб гардиданд.

Мутобиқи банди “Амалигардонии Ҷоизаи Кумита оид ба эҷодиёти ҷавонон” 4 лоиҳаҳо, асосан ҳавасмандгардонии муҳаққиқони ҷавон ба маблағи 37000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 16 нафар, аз

ҷумла 5 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии муҳақиқон ва эҷодкорони ҷавон озмуни Ҷоизаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат ва меъморӣ барои соли 2013 эълон карда шуд, ки аз ҷониби 19 нафар довталабон, аз ҷумла дар соҳаи рӯзноманигорӣ 8 кор, адабиёт 5 кор ва санъат 6 кор пешниҳод гардид. Дар асоси қарори аъзоёни Комиссия дар соҳаи рӯзноманигорӣ 2 ҷой барои 5 кор (2-3 нафар), дар соҳаи санъат 2 ҷой барои 5 кор (5 нафар санъат як нафар рӯзноманигорӣ), дар соҳаи адабиёт 2 ҷой барои 5 кор (2-3 нафар як ҷой) ғолибон муайян гардид, ки аз ҷониби Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи ҷашни Истиқлолият диплом ва ҳавасмандиҳо барои ғолибони зерин супорида шуданд: **Дар соҳаи адабиёт**: Алишери М., Гулямова М., Мустаҷобова Р., Ҳакимова С., Солеҳова А., **Дар соҳаи рӯзноманигорӣ**: Сафаров К., Ашӯров С., Хидиров С., Нозимшоев Ф., Қурбонов Н., Муқимов Т., **Дар соҳаи санъат**: Усманова Ш., Анварова С., Олимов Э., Шехов С. ва Ҳақдодова С.

– Китоб "Тоҷикистон-захираҳои туристӣ" чоп гардид. Китоби мазкур инъикоскунандаи тарғиби захираҳои туристии кишвар ва ҷалби шаҳрвандон ва хориҷиён барои сайёҳат мебошад.

Мутобиқи банди "Дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод дар амалигардонии эҷодиёти онҳо" 11 лоиҳаҳо ба маблағи 40000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 5361 нафар, аз ҷумла 3240 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Баргузории сессияи Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ташаккули заминаи илмию методии сиёсати давлатии ҷавонон метавонад боис гардад, дастгирӣ карда шуд;

– Баргузории Барнома - озмуни телевизионии маҳфили зарифон «Маҳзар» аллакай ба ҳукми анъана даромадааст, ки мавзӯҳои беши он ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва эмин доштани онҳо аз падидаҳои номатлуб нигаронида шудааст. Аз аввали сол озмун дар як давр байни дастаҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон, Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир гардид.

– Лоиҳаи "Такмил додани истеъдодҳои ҷавонони лаёқатманд дар самти кандакорӣ ва ҳайкалтарошӣ"-и Маркази маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонони назди мактаби таҳсилоти умумии №23 дастгирӣ карда шуд. Маркази мазкур ягона ниҳодест, ки ҷавононро барои ҳунаромӯзӣ ва сайқал додани касби чубтарошӣ ҷалб месозад. Бо пайдо шудани имкони молӣ хуб мешуд, агар чунин марказҳо зиёд карда мешуд ва маҳсули дастии ҷавонони соҳибкасб, ки муаррифгари касби аҷдодӣ ва урфу

одати миллӣ метавонанд гарданд, манзури шаҳрвандон ва сайёҳон гузошта мешуд.

– Лоиҳаи "Ҷалби соҳибкорони ҷавон ба фаъолияти истеҳсолӣ"-и КВД “Клуби соҳибкорони ҷавон” дастгирӣ гардид, ки дар натиҷа дар шаҳри Душанбе мизи мудаввари мавзӯӣ бо иштирок соҳибкорони ҷавон доир гардид;

– Оид ба муҳайё сохтани имконият барои омӯхтани касби дузандагӣ барои духтарони деҳот дар ноҳияи Ёвон дархости филиали КВД “Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон” дар ноҳияи Ёвон дастгирӣ карда шуд;

– Бо мақсади таблиғи фарҳанги аҷдодӣ озмуни телевизионии "Фуруғи ориёно" баргузор гардид;

– Дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони иҷтимоӣ дар лагерҳои истироҳатии ноҳияҳои Варзоб ва Ҳисору Турсунзода театрҳои сайёр ташкил гардиданд, ки дар натиҷа беш аз 700 наврасон бо иттилооти сифатнок оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди “Ташкили курсҳои иловагии омӯзиши забонҳои хориҷӣ, малакаҳои кор бо технологияи иттилоотӣ, дузандагӣ, қолинбофӣ ва ғайра” 30 лоиҳаҳо ба маблағи 90000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 1123 нафар, аз ҷумла 642 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Дар шаҳри Душанбе тавассути сохторҳои ҷумҳуриявӣ 12 давраҳои омӯзиши забони англисӣ бо фарогирии 243 нафар ҷавонон, аз ҷумла 79 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар шаҳри Душанбе тавассути сохторҳои ҷумҳуриявӣ 10 давраҳои омӯзиши забони русӣ бо фарогирии 184 нафар ҷавонон, аз ҷумла 28 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар шаҳри Душанбе тавассути сохторҳои ҷумҳуриявӣ 8 давраҳои омӯзиши малакаҳои компютерӣ бо фарогирии 149 нафар ҷавонон, аз ҷумла 61 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар шаҳри Душанбе тавассути сохторҳои ҷумҳуриявӣ 9 давраҳои омӯзиши малакаҳои дузандагӣ ва соҳибкорӣ бо фарогирии 165 нафар ҷавонон, аз ҷумла 115 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Данғара тавассути Маркази ҷавонон 4 давраҳои омӯзиши забони русӣ бо фарогирии 65 нафар ҷавонон, аз ҷумла 27 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Данғара тавассути Маркази ҷавонон 4 давраҳои омӯзиши забони англисӣ бо фарогирии 63 нафар ҷавонон, аз ҷумла 26 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Данғара тавассути Маркази ҷавонон 3 давраҳои омӯзиши малакаҳои компютерӣ бо фарогирии 60 нафар ҷавонон, аз ҷумла 30 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Данғара тавассути Маркази ҷавонон 4 давраҳои омӯзиши малакаҳои дузандагӣ ва соҳибкорӣ бо фарогирии 68 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Ҳисор, ҷамоати Дурбат тавассути Маркази ҷавонон 3 давраҳои омӯзиши забони русӣ бо фарогирии 57 нафар ҷавонон, аз ҷумла 27 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Ҳисор, ҷамоати Дурбат тавассути Маркази ҷавонон 5 давраҳои омӯзиши забони англисӣ бо фарогирии 84 нафар ҷавонон, аз ҷумла 38 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Ҳисор, ҷамоати Дурбат тавассути Маркази ҷавонон 5 давраҳои омӯзиши малакаҳои компютерӣ бо фарогирии 100 нафар ҷавонон, аз ҷумла 44 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар ноҳияи Ҳисор, ҷамоати Дурбат тавассути Маркази ҷавонон 4 давраҳои омӯзиши малакаҳои дузандагӣ ва соҳибкорӣ бо фарогирии 75 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар шаҳри Исфара, ҷамоати Чоркуҳ тавассути Маркази ҷавонон 2 давраҳои омӯзиши малакаҳои компютерӣ бо фарогирии 26 нафар ҷавонон, аз ҷумла 8 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар шаҳри Исфара, ҷамоати Чоркуҳ тавассути Маркази ҷавонон 4 давраҳои омӯзиши малакаҳои дузандагӣ ва соҳибкорӣ бо фарогирии 64 нафар духтарон ташкил гардид;

– Дар шаҳри Исфара, ҷамоати Чоркуҳ тавассути Маркази ҷавонон 1 давраи омӯзиши малакаҳои пазандагӣ бо фарогирии 20 нафар духтарон ташкил гардид;

Дар таносубнокӣ бо мушкилоти мавҷуда нисбат ба фарогирии ҷавонон, аз ҷумла духтарон бо касбу ихтисоси зарурӣ ин рақам хело кам аст. Таҳлилҳо бар он асосанд, ки чунин давраҳои иловагии омӯзишӣ зиёд карда шаванд, то дар ҳар як шаҳру ноҳияҳо ҷавонон, бахусус духтарон имкон пайдо кунанд, ки сатҳи дониш ва касбияти худро тақвият бахшанд.

– Барои таъмини чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва фарҳангию фароғатӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маводҳои ҳавасмандгардонӣ (тухфавӣ, дастгирии моддӣ ва ғ.) ва дафтардорӣ харидорӣ гардиданд.

Мутобиқи банди “Амалигардонии стипендияи Кумита барои ҷавонони фаъоли кишвар аз ҳисоби хонандагон ва донишҷӯён” 12 лоиҳаҳо ба маблағи 23000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 13098 нафар, аз ҷумла 7817 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Шаҳодатномаи Стипендияи Президентӣ ба теъдоди 300 адад чоп гардид;

– Дастури методию амалӣ оид ба татбиқи самараноки Стипендияи президентӣ ва Стипендияи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 300 нусха чоп гардида, ба мутахассисони сохторҳои Кумита таъмин карда шуд;

– Оид ба амалисозии самараноки Стипендияи президентӣ ва роҳу усулҳои баргузории чорабиниҳои алоқаманд семинар гузаронида шуд;

– Бо мақсади ҳавасмандсозии ҷавонони ҷамъиятан фаъол аз ҳисоби донишҷӯён стипендияи Кумита таъсис дода шудааст. Барои дарёфти стипендияи Кумита дар соли ҳисоботӣ тариқи озмун Бобоҷонов Ғайратҷон Мансурҷонович аз вилояти Суғд, Абдуллоев Самандар ва Қурбонова

Қурбонгул аз вилояти Хатлон, Назархудоев Назархудо Назарбекович аз ВМКБ, Орзуи Мусофир, Нусратуллои Маҳмадулло ва Нурзода Муслуҳудин аз НТҶ ва ш.Душанбе гирандаи Стипендия муқаррар гардиданд.

## СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ V. РУШДИ ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ ВА ИТТИЛООТИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур 34 лоиҳаҳо ба маблағи 180000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 7406 нафар, аз ҷумла 3563 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди "Мусоидат ба олимон ва муҳаққиқони ҷавон дар самти амалигардонии тадқиқотҳои илмию амалӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон" 6 лоиҳаҳо ба маблағи 23000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 1350 нафар, аз ҷумла 810 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Китоби "Набзи шеър", ки фарогири ашъори шоирони ҷавон мебошад дар ҳаҷми 400 нусха чоп гардид. Шеърҳои эҷодгашта мазмуни тарбиявӣ дошта, ҷавононро ба ҳаёти созгору пурсамар ва доштани хулқу атвори намунавӣ даъват месозад;

– Китоби "Дунёи ҷавонӣ" фарогири шеърҳои эҷодкардаи мутахассиси соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон буда, онҳо атрофи бурду бохти зиндагӣ, фарҳангдӯстӣ, хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ ва таҳамулнокию таҳамулпазирӣ барои ҷавонон дар ҳаҷми 200 нусха чоп гардид;

– Дар самти фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар ноҳияи Ҷиргатол машваратҳои илмӣ гузаронида шуданд;

– Дар ноҳияҳои Ваҳдат ва Ҳисор байни соҳибкорони ҷавон бо мақсади рушди имконоти соҳибкорӣ чорабиниҳои иттилоотӣ баргузор гардиданд.

Мутобиқи банди "Баргузории конференсияҳои илмию амалӣ вобаста ба амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон" 6 лоиҳаҳо ба маблағи 36000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 1350 нафар, аз ҷумла 325 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Маҷмӯаи мақолаҳо "Ҷавонон ва илми муосир" дар ду ҷилд адр ҳаҷми 450 нусха чоп гардид. Маҷмӯаи мазкур ягона китобе мебошад, ки дастовардҳо ва корҳои илмию таҳқиқотии олимони ҷавонро ҷамъ меорад ва барои татбиқу корбари манзури доираи васеъи мутахассисон мегардонад;

– Китоби "Созандагони Ватан", ки вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таҳия гардидааст, дар 100 нусха чоп гардид;

– Дар толори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Конференсияи байналмилалии олимони ҷавон таҳти унвони «Сиёсати давлатии ҷавонон дар кишварҳои ИДМ: ҳолат ва дурнамо» бо иштироки 120 нафар ҳайати намояндагони олимони ҷавони муассисаҳои олии илмию таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони олимони ҷавони ИДМ доир гардид. Конфронс дар се бахш: илмҳои ҷомеашиносӣ, дақиқ ва биологияю

тиб тақсим шуда, 120 маърӯза мавриди баҳсу андешаронӣ қарор дода шуданд ва беҳтаринҳо сазоворӣ диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ гардиданд;

– Китоби "Роҳнамои Ватандорӣ" иборат аз тартиби хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ, вазифаҳои сарбоз, муқадасоти миллӣ ва ғайра дар ҳаҷми 600 нусха барои сарбозон чоп гардид. Китоб қисмҳои ҳарбӣ барои дастури амал қарор гирифтан барои сарбозон таъмин карда шуд.

Мутобиқи банди "Такмили омори сиёсати давлатии ҷавонон" 10 лоиҳаҳо ба маблағи 46000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 460 нафар, аз ҷумла 230 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Бо мақсади татбиқи самаранок, ҳамоҳангсозӣ, назорат ва арзёбии ҷараёни амалисозии чорабиниҳо Махзани иттилоотии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 бо ҷалби мутахасисси соҳавӣ таҳия гардид. Махз арқоми дар ҳамин гузориш овардашуда аз Маҳзани иттилоотӣ гирифта шудааст ва он дар истифодаи доимӣ қарор дода мешавад;

– Оид ба татбиқи Омори сиёсати давлатии ҷавонон барои мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонони минтақаи Ҳисор, Қурғонтеппа ва ВМКБ семинари методию амалӣ баргузор гардид. Дар ҷараёни семинар усулҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва дастрас гардонидани арқоми оморӣ дар сатҳи маҳалҳо баррасӣ гардиданд. Ҳамчунин, шаклҳои иттилоотии омори сиёсати давлатии ҷавонон аз нав таҳия карда шуда, барои истифодаи мутахассисони маҳал таъмин карда шуданд.

Мутобиқи банди "Таҳия ва чопи маводи илмӣ, методӣ ва амалӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон" 12 лоиҳаҳо ба маблағи 69000 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 4246 нафар, аз ҷумла 2198 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Китоби "Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки фарогири тадбиру дастовардҳои дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, чоп гардид;

– Китоби "Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол" фарогири заминаҳои таърихии ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ва дастовардҳои он дар замони соҳибистиқлолии кишвар буда, аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Набиев В.М. таҳия гаштааст. Китоб бо дарназардошти арзишмандияш дар ҳаҷми 400 нусха ба табъ расонида шуд;

– Барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва эҳсоси ватандӯстии сарбозон дастури иттилоотию тавсиявӣ "Ба муҳофизати Ватан омода бош!" дар ҳаҷми 400 нусха оп гардида, ба қисмҳои ҳарбӣ таъмин карда шуд;

– Бо мақсади амалисозии самараноки Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва маълумотнок гардонидани мутахассисони маҳал вобаста ба мазмуну мундариҷаи Барнома Дастури амалӣ оид ба тартибҳои меъёрию ҳуқуқии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар ҳаҷми 400 нусха чоп гашта, ба мутахассисони соҳа таъмин карда шуд;

– Дастури иттилоотӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шашмоҳаи аввали соли 2013 барои маълумотноки доираи васеъ дар ҳаҷми 300 нусха чоп гардид;

– Дастури иттилоотию амалӣ оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён гардиданд, дар ҳаҷми 500 нусха чоп гардид. Дастури мазкур фарогири матни пурраи баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонон ва Нақшаи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 баён гардиданд буда, барои дастур ба тамоми вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои алоқаманд тавсия карда шудааст;

– Бо ҷалби машваратчии байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе чорабинии фанни "Блиц-Содружество" доир гардид.

## СОҲАИ АФЗАЛИЯТНОКИ VI. ТАКМИЛИ МАЛАКАҲОИ КОРИИ МУТАХАССИСОН ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур 28 лоиҳаҳо ба маблағи 130000 сомонӣ амалӣ гардонида шуданд, ки дар натиҷа 5069 нафар, аз ҷумла 2228 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи банди “Баргузории давраҳои омӯзишӣ барои такмили малакаи кории мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон” 10 лоиҳаҳо ба маблағи 65000 сомонӣ амалӣ гардонида шуданд, ки дар натиҷа 4905 нафар, аз ҷумла 2165 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Ҷиҳати ҷалби ихтиёриёни ҷавон барои адои хизмати ҳарбӣ дар сафи қуввaҳои мусаллаҳи Тоҷикистон Барномаи байнисоҳавии “Ихтиёрии ҷавон” таҳия гардид. Дар таҳияи лоиҳаи Барнома чорабиниҳои гуногуни ташкилӣ, мизҳои мудаввар ва муҳокимарониҳо амалӣ гардонида шуданд;

– Дар ноҳияи Балҷувон миёни ҷавонон чорабинии фарҳангию фароғатӣ ва тарбиявӣ дар самти худшиносӣ ва худташаккулёбӣ дар шароити ҷомеаи муосир ташкил гардид;

– Бо мақсади такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Душанбе ва НТҶ давраҳои омӯзишӣ доир гардиданд. Дар ҷараёни омӯзиш масъалаҳои ҳуҷҷатнигорӣ, татбиқи барномаҳои соҳавӣ, ҷалби маблағҳои иловагӣ, ташкили корҳои дастурдиҳӣ ва ғайра баррасӣ карда шуданд;

– Дар минтақаи Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб барои сарварони ҷавон вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар маҳалҳо давраҳои омӯзишӣ ташкил карда шуданд. Дар семинарҳо намояндагон ва ё сарварони марказҳои ҷавонон, сохторҳои маҳаллии Кумита ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ширкат варзиданд;

– Бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии маърифатию иттилоотӣ бо иштироки доираи васеъи ҷавонон гузаронида шуд.

Мутобиқи банди “Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар” 10 лоиҳаҳо ба маблағи 45000 сомонӣ амалӣ гардонида шуданд.

Аз ҷумла:

– Сафари мутахассисони масъули Кумита барои иштирок дар Форуми рушди туризм дар шаҳри Бишкек маблағгузорӣ гардид. Форум дар доираи фаъолияти Шӯрои ҷавонони Созмони ҳамкориҳои Шанхай баргузор карда шуд, ки мақсади асосии он табодули таҷриба байни мутахассисони ҷавони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай буд;

– Сафари илмию таҳқиқотии аспиранти ҷавон Мухаммедов С. ба шаҳри Екатеренбург маблағгузорӣ карда шуд;

– Сафари муовини раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муинова М. барои иштирок дар ҷаласаи солонаи Шӯрои ҷавонони Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар шаҳри Бишкек, Ҷумҳурии Қирғизистон пардохт карда шуд. Дар ҷараёни сафар ҳисоботи аъзоёни Шӯро шунида шуд ва дар фарҷом роҳбарии Шӯроро дар соли 2014 ба Тоҷикистон супурданд;

– Сафари муовини аввали раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯраев К. ба шаҳри Страсбург барои иштирок дар форуми сарварони ҷавон дар доираи фаъолияти Шӯрои кор бо ҷавонони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил маблағгузорӣ гардид;

– Бо мақсади ташаккули заминаи иттилоотию амалии сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт дар шаҳри Душанбе баргузории чорабинии фанни "Блиц-Содружество" дастгирӣ карда шуд;

– Иштироки ҳайати намояндагони ҷавонони Тоҷикистон дар бозиҳои делфӣ, ки ҳамасола дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон баргузор мегардад, дастгирӣ карда шуд. Соли 2013 бозиҳо дар шаҳри Новосибирски Федератсияи Россия баргузор гардиданд;

– Сафари олими ҷавон Солиҳов Д. барои иштирок дар Форуми урологони ҷаҳон ба шаҳри Милан (Италия) дастгирӣ карда шуд. Дар форум мавсуф ширкат карда дастовардҳои олимони тоҷикро дар риштаи тиб муаррифӣ намуд;

Мутобиқи банди “Ташкили чорабиниҳо дар самти таблиғи ғояҳои фарҳанги миллӣ дар байни ҷавонони хориҷии муқими Тоҷикистон” 8 лоиҳаҳо ба маблағи 20000 сомонӣ амалӣ шуданд, ки дар натиҷа 159 нафар, аз ҷумла 61 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла:

– Бахшида ба таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар ноҳияи Ҳисор бо иштироки донишҷӯёни хориҷии муқими Тоҷикистон чорабинии маърифатию фарҳангӣ "Ҷавонон ва истиқлолияти миллӣ" баргузор гардид;

– Бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Варзоб бо иштироки ва ҷавонони ватанӣ чорабинии маърифатию фарҳангӣ "Ҷавонон ва ҷаҳони имрӯз" баргузор карда шуд;

– Бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе чорабинии маърифатию иттилоотӣ "Парчам яке аз омилҳои муҳими муаррификунандаи кишвар" ташкил карда шуд;

– Бо мақсади рушди муносибатҳои ва такмили дустию рафоқат байни донишҷӯёни хориҷии муқими Тоҷикистон чорабинии фарҳангию маърифатӣ "Омӯзиши фарҳангҳо омили дӯстӣ дар байни ҷавонон" гузаронида шуд;

– Бахшида Рӯзи байнламилалӣ ва ҳамгироии ҷавонон дар шаҳри Душанбе чорабинии омӯзишию маърифатӣ "Сулҳу ваҳдат роҳ барои фардои ҷомеа" ташкил гардид;

– Бахшида ба Рӯзи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо иштироки ва ҷавонони ватанӣ чорабинии маърифатию фарҳангӣ "Сарқонун кафили сулҳ" баргузор карда шуд.

## 8. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ

Дар шароити ташаккули сохтори демократии давлату ҷомеа, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мақоми хосро касб менамояд. Бахусус рушди имконоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки яке аз институтҳои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ - ин ҷомеаест, ки дар он шакли инкишофёфтаи муносибатҳои сиёсӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ байни аъзоёни он ба назар мерасад ва он бе дахолати давлат, вале бо ҳамоҳангӣ бо он амалӣ мегардад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои институтҳои худ, аз қабили ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, оила, муассисаҳои хоҷагӣ, иттифоқҳои касаба, ҳимоячиёни ҳуқуқ, муассисаҳои эҷодӣ, варзишӣ, марказҳои тадқиқотӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори умум ва ғайра мебошад.

Гурӯҳҳои муташаккили ҷавонон нерӯи бузурги иҷтимоӣ, эҷодӣ ва пешбаранда буда, қобилияти ба танзим даровардани ҳаракатҳо ва муносибатҳои муосирро тариқи ҳалли муаммоҳои ҳаётии худ ва фаъолона таъсир расониданро дар бартарафсозии мушкилоти ҳамарӯзаи ҷавонон доранд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, яке аз институтҳо ва ё гурӯҳҳои муташаккили асосӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор мераванд, ки рушди фаъолият ва устуворгардонии иқтидори онҳо ба инкишофи ҳаматарафаи ҳаёти ҷавонон, маърифати сиёсӣ, фарҳангӣ, мустақилияти иқтисодӣ, худташаккулёбӣ ва худшиносии наврасон ва ҷавонон мусоидат менамоянд.

Иттиҳодияҳои ҷавонон, бахсус ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар солҳои азнавсозӣ (1985-1992), бадастории истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа пайдо шудаанд. Ҷавонон амалиёти фаъолонаро оғоз намуданд, ба шароитҳои ҷомеа мувофиқ гардиданд, ба муайянкунии мавқеъ ва нақши худ дар ҷараёнҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ талош варзиданд. Айни замон мувофиқи маълумотҳои мавҷуда ҳудуд 160 - 170 ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон фаъолона амал мекунанд. Аммо ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон 70-75% ташкилотҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд, ки субъекти сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб мегарданд.

Вазифаҳои асосӣ ва ё мантиқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ин мусоидат ба шаҳрвандон ва дигар институтҳои махсусгардонидашуда барои ба эътидол овардани муносибатҳо, бартараф сохтани мушкилоти рӯзмарра, мутобиқат ба шароити ҷомеаи муосир, рушди рукнҳои ҳаётӣ, фаъолнокӣ дар ҳаёти сиёсии иқтисодии давлат ва ҷомеа, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва ғайра мебошад. Дар ин роҳ, ки асосан хусусияти иҷтимоӣ ва хайрхоҳӣ дорад ташаккули заминаҳои устуворӣ, аз ҷумла иқтидори моддию молӣ дар фаъолият хело душвор аст. Бахусус дар шароити кишварҳои рӯ ба инкишоф бо дарназардошти Тоҷикистон амалӣ сохтани чунин имконоти рушдёбӣ (иқтисодӣ) аз эҳтимол дур аст. Яъне, барои кишвари мо ин ҳаракатҳо дар ҳоли ҳозир метавонанд нақши байнравро байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро намоянд, мушкилотро муайян созанд ва барои ҳалли онҳо аз ҳисоби манбаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ (ташкилотҳои маблағгузор) маблағ ҷалб сохта, амалӣ гардонанд.

Дар ҳамин шароит чун дигар давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити мусоид дар роҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаккули заминаи ҳуқуқӣ барои устувории фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ"-ро қабул кард.

Ҳамин тариқ, бо мақсади ҷалби иштироки васеъи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.2012 №620 тасдиқ шудааст, соҳаи афзалиятноки махсус "Дастгирии лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавонон дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ" ворид карда шуд.

Мутобиқи соҳаи афзалиятноки мазкур дар соли 2013 17 лоиҳаҳои марказҳои ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба маблағи 269000 сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 113200 аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ гардонида шуданд, ки дар натиҷа 57077 нафар, аз ҷумла 16251 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ" бо мақсади таъмини шаффофият ва рақобатнокии солим байни ташкилотҳои ҷавонон барои дарёфти грантҳо/фармоиши иҷтимоии давлатӣ вобаста ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 тариқи Сомонаи интернетии www.youth.tj, шабакаи иҷтимоии FACEBOOK ва Ҳафтаномаи «Азия Плюс» №01(786) аз 3 январи соли 2013 озмун эълон дода шуд.

Тибқи тартиби муқарраргашта Комиссияи баҳодиҳии лоиҳаҳои дархостӣ аз ҳисоби аъзоёни Комиссияи байнисоҳавии танзим ва ҳамоҳангсозии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 таъсис дода шуда, дархостҳои воридгашта пурра баҳогузори карда шуданд. Дар натиҷа дар соли 2013 17 лоиҳаҳо интихоб ва аз ҷониби ташкилотҳои алоқаманд амалӣ гардонида шуданд, ки дар бораи онҳо дар поён ахбороти муфассал оварда мешавад.

1. **Лоиҳаи «Ваҳдатшиносӣ»**

Лоиҳаи мазкур дар самти фаъолнокии сиёсии ҷавонони шаҳри Исфара бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «ШОТО» ба маблағи 18000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 39086 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 15 чорабиниҳо гузаронида шуда, 28500 нафар ҷавонон, аз ҷумла 12600 духтарон фаро гирифта шуданд.

Натиҷаи ниҳоии Лоиҳа ба дастовардҳои зерин боис гардид:

– Барои фаъолнокии сиёсии ҷавонон маводҳои махсусгардонидашуда омода карда шуданд;

– Сатҳи маълумотнокии сиёсии 5000 ҷавонон аз 12 ҷамоатҳои шаҳри Исфара баланд гардид;

– Сатҳи фаъолнокии 1200 ҷавонон оид ба маърифатнокгардонии сиёсии ҷавонон баланд гардонида шуд;

– Сатҳи фаъолнокии сиёсии 10000 ҷавонон тавассути ташкили маҳфилҳои мубоҳисавӣ баланд бардошта шуд;

– 5 барномаҳои телевизионӣ оид ба маърифаткноии сиёсии ҷавонон ташкил карда шуд.

2. **Лоиҳаи "Муайянсозии мавқеъи ҷавонон оид ба сиёсати давлатии ҷавонон"**

Лоиҳаи мазкур дар самти фаъолнокии сиёсии ҷавонони минтақаи Рашт бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Самар» ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 1250 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа байни 586 нафар ҷавонон минтақаи Рашт пурсиши сотсиологӣ гузаронида шуд.

Дар татиҷаи Лоиҳа сатҳи маълумотнокии ҷавонони минтақаи Рашт оид ба масъалаҳои марбут ба танзими оила ва банақшагирии он муайян карда шуд. Масалан, 64% пурсидашудагон сабаби худкуширо дар байни ҷавонон ҷудошавии оилаҳо медонанд.

3. **Лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонони Данғара оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ»**

Ин Лоиҳа дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонони ноҳияи Данғара бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонони созанда» ба маблағи 20000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 11 чорабиниҳо гузаронида шуда, 170 нафар ҷавонон, аз ҷумла 76 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Вобаста ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон ҷавонон 20 ихтиёриёни ҷавон омӯзонида шуданд;

– Сатҳи дониши 150 нафар ҷавонони ноҳияи Данғара аз 9 ҷамоатҳо оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон баланд гардид.

4. **Лоиҳаи дархостии «Духтарони пешвои шаҳри Исфара»**

Ин Лоиҳа дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонони шаҳри Исфара бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «ШОТО» ба маблағи 12000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 19565 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 10 чорабиниҳо гузаронида шуда, 14250 нафар духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Сатҳи дониши 1200 нафар духтарон оид ба усулҳои сарварӣ баланд гардид;

– 12000 ҷавонони (духтарони) шаҳри Исфара оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ маълумотнок гардиданд;

– Барномаи таълимӣ оид ба мактаби ҷамъиятии пешвои ҷавон омода гардид.

5. **Лоиҳаи «Пешгирии поймолшавии ҳуқуқҳои ҷавонони ба муҳоҷирати меҳнатӣ майлдошта ё аллакай муҳоҷираткарда»**

Ин Лоиҳа дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонони шаҳри Ваҳдат бо пешниҳоди КВД «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» ба маблағи 15500 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 11 чорабиниҳо гузаронида шуда, 907 нафар ҷавонон, аз ҷумла 415 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Вобаста ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон дар муҳоҷирати меҳнатӣ 107 нафар мӯзонида шуданд;

– Сатҳи дониши 800 нафар ҷавонон оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон мавриди муҳоҷирати меҳнатӣ баланд гардид.

6. **Лоиҳаи «Касбомӯзии духтарон»**

Ин Лоиҳа дар самти рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонони ноҳияи Данғара бо пешниҳоди КВД «Маркази ҷавонони ноҳияи Данғара» барои татбиқи дар ноҳияи Данғара ба маблағи 20000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 4 чорабиниҳо/давраҳои омӯзишӣ гузаронида шуда, 60 нафар духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– 60 нафар духтарони ноҳияи Данғара аз оилаҳои камбизоат бо малакаи касби дузандагӣ омӯзонида шуданд;

– Барои омӯзиши дузандагӣ барномаи махсусгардонидашуда омода гардид.

7. **Лоиҳаи «Рушди соҳибкорӣ барои ҷавонони бекори шаҳри Душанбе ва НТҶ»**

Ин Лоиҳа дар самти рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонони шаҳри Душанбе ва НТҶ бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Насли нави Тоҷикистон» ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 5430 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 11 чорабиниҳо гузаронида шуда, 560 нафар ҷавонон, аз ҷумла 300 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Сатҳи дониши 80 нафар ҷавонон оид ба ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ баланд бардошта шуд;

– Вобаста ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар байни ҷавонон дар матбуоти даврӣ 10 мақолаҳо таҳия ва чоп гардиданд.

8. **Лоиҳаи «Коргоҳи дӯзандагии ҷавондухтарон»**

Ин Лоиҳа дар самти рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонони ноҳияи Ҳисор бо пешниҳоди КВД «Маркази ҷавонони ноҳияи Ҳисор» барои татбиқи дар ноҳияи Ҳисор ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 8 чорабиниҳо/давраҳои омӯзишӣ гузаронида шуда, 60 нафар духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– 60 нафар духтарони ҷамоати Дурбати ноҳияи Ҳисор аз оилаҳои камбизоат бо малакаи касби дузандагӣ омӯзонида шуданд;

– Барои омӯзиши дузандагӣ барномаи махсусгардонидашуда омода гардид;

– 42 нафар духтарон барои фаъолияти меҳнатӣ оғоз карданд.

9. **Лоиҳаи "Муҳоҷири ҷавон"**

Ин Лоиҳа дар самти паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонони вилояти Суғд бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Ваҳдати ҷавонон» ба маблағи 17600 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 7200 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 5 чорабиниҳо гузаронида шуда, 1144 нафар ҷавонон, аз ҷумла 520 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Маводи таълимӣ вобаста ба танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳаҷми 500 нусха омода карда шуд;

– Сатҳи маълумотнокии 1134 нафар ҷавонони шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Чкалов, Қайроққум, Панҷакент, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Ҷ.Расулов, Ашт ва Б.Ғафуров оид ба масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ баланд бардошта шуд;

– Сатҳи дониш ва маълумотнокии 10 нафар омӯзгорон оид ба масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ баланд гардид.

10. **Лоиҳаи «Роҳу усулҳои паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани фарҳанги муҳоҷири меҳнатӣ байни бонувону ҷавонон»**

Ин Лоиҳа дар самти паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонони ноҳияи Шурообод бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Рушди Шӯрообод» ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 12 чорабиниҳо гузаронида шуда, 250 нафар ҷавонон, аз ҷумла 185 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Маводи таълимӣ вобаста омӯзиши ҳунарҳои анъанавӣ омода карда шуд;

– Сатҳи дониш ва малакаи касбии 250 нафар ҷавонон оид ба заргарӣ, кандакорӣ, нақошӣ, зардӯзӣ, чархресӣ, ҷомадӯзӣ ва пойафзолдӯзӣ баланд гардид.

11. **Лоиҳаи «Паст кардани сатҳи бекорӣ байни ҷавонон бо роҳҳои мусоидат дар раванди соҳибкорӣ»**

Ин Лоиҳа дар самти паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонони шаҳри Душанбе бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Зуҳал» ба маблағи 8500 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 12 чорабиниҳо гузаронида шуда, 250 нафар ҷавонон, аз ҷумла 185 духтарон фаро гирифта шуданд.

12. **Лоиҳаи «Мактаби рӯзноманигорони ҷавон дар шаҳри Қӯрғонтеппа»**

Ин Лоиҳа дар самти рушди эҷодкориҳо дар байни ҷавонони шаҳри Қӯрғонтеппа бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Амал-плюс» ба маблағи 10000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 15 нафар ҷавонон, аз ҷумла 9 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Маводи таълимӣ вобаста омӯзиши ҷавонон бо малакаи рӯзноманигорӣ омода гардид;

– Сатҳи дониш ва малакаи касбии 15 нафар ҷавонон оид ба рӯзноманигорӣ баланд гардид;

– Таҷрибаи амалии рӯзноманигорони ҷавон дар ТВ “Хатлон” дар тули ду моҳ тақвият дода шуд.

13. **Лоиҳаи «Рушди сифатҳои лидерӣ-роҳбарӣ миёни ҷавонон дар ш.Ваҳдат»**

Ин Лоиҳа дар самти рушди эҷодкориҳо дар байни ҷавонони шаҳри Ваҳдат бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Сайёр» ба маблағи 10000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 26000 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 7 чорабиниҳо гузаронида шуда, 116 нафар ҷавонон, аз ҷумла 65 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Маводи таълимӣ вобаста дар мавзӯи "Роҳбарӣ" омода карда шуд;

– 40 нафар ҷавонон бо малакаҳои кор бо компютер омӯзонида шуданд;

– 20 нафар духтарон бо малакаи касби дузандагӣ омӯзонида шуданд;

– 20 нафар ҷавонон бо малакаи забони англисӣ омӯзонида шуданд;

– Сатҳи дониш ва маълумотнокии 80 нафар ҷавонон оид ба малакаҳои роҳбарӣ баланд гардид.

14. **Лоиҳаи «Ҷавонон муқобили хариду фурӯши одамон дар ноҳияи Всоеъ»**

Ин Лоиҳа дар самти пешгирии хариду фурӯши одамон дар байни ҷавонони ноҳияи Восеъ бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Меҳан» ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 4300 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 4 чорабиниҳо гузаронида шуда, 1100 нафар ҷавонон, аз ҷумла 650 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Сатҳи маълумотнокии 20 нафар намояндагони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла сохторҳои занон, ҷавонон, дин корҳои дохила ва ғайра оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон баланд бардошта шуд;

– Сатҳи дониш ва маълумотнокии 80 нафар ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон баланд гардид;

– Сатҳи иттилооти 1000 нафар ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба хариду фурӯши одамон баланд гардид.

15. **Лоиҳаи «Баланд бардоштан ва воқифгардонии ҷавонони шаҳри Панҷакент, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравaнд оид ба пешгирии ҳолатҳои хариду фурӯши одамон».**

Ин Лоиҳа дар самти пешгирии хариду фурӯши одамон дар байни ҷавонони ноҳияи Восеъ бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Занони шарқ» ба маблағи 10000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 5880 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 7 чорабиниҳо гузаронида шуда, 1743 нафар ҷавонон, аз ҷумла 745 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Сатҳи дониш ва маълумотнокии 104 нафар ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳамбастагӣ ба хариду фурӯши одамон баланд гардид;

– 4 намуди маводи иттилоотӣ “Кор дар Русия”, “Муҳоҷирати қонунӣ”, “Чиро бояд донист!” ва “Дар роҳи сафар” таҳия гашта дар ҳаҷми 600 нусха омода ва дар байни ҷавонон паҳн карда шуд;

– Сатҳи иттилоотнокии 1000 нафар ҷавонон оид ба масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамбаста ба хариду фурӯши одамон баланд гардид.

16. **Лоиҳаи “Пешгирии омилҳои номатлуб (ҷинояткорӣ, худкӯшӣ ва ғайра) миёни ҷавонони шаҳри Душанбе”**.

Ин Лоиҳа дар самти пешгирии хариду фурӯши одамон дар байни ҷавонони шаҳри Душанбе бо пешниҳоди Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ «Ҷавонони раванди рушд» ба маблағи 15000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 16801 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 139 чорабиниҳо гузаронида шуда, 20000 нафар ҷавонон, аз ҷумла 10000 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Сатҳи маълумотнокии ҳуқуқии 208 нафар ҷавонони 56 маҳаллаҳои шаҳри Душанбе баланд гардид;

– Сатҳи маълумотнокии 70 нафар раисони маҳаллаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон баланд бардошта шуд;

– 24 намоишҳои театрӣ ташкил гардида, 1200 нафар ҷавонон оид ба масъалаҳои пешгирии омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон маълумотнок гардонида шуданд;

– 24 мақолаҳо дар рӯзномаи “Паёми Душанбе” ба табъ расид;

– Сатҳи иттилоотнокии 3000 ҷавонон вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ баланд бардошта шуд.

17. **Лоиҳаи “Ҷавонони солим”**

Ин Лоиҳа дар самти танзими оила ва солимии репродуктивӣ дар байни ҷавонони шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Хоруғ бо пешниҳоди Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонони ташаббускори Тоҷикистон» ба маблағи 30000 сомонӣ дастгирӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар татбиқи Лоиҳа дар ҳаҷми 26194,8 сомонӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ҳамкор маблағ ҷалб карда шуд.

Дар доираи Лоиҳа 6 чорабиниҳо гузаронида шуда, 853 нафар ҷавонон, аз ҷумла 503 духтарон фаро гирифта шуданд.

Дар натиҷа Лоиҳа ба дастовардҳои зерин соҳиб гардид:

– Дар самти танзими оила ва солимии репродуктивӣ аз ҳисоби ҷавонони фаъол 20 нафар ихтиёриёни ҷавон ба ҳайси модератор оид ба гузаронидани омӯзиш аз рӯи усули “Хатсайри бехатар” омӯзонида шуданд;

– 12 намоишҳои “Хатсайри бехатар” ташкил гардида, 723 нафар бо иттилооти сифатнок оид ба танзими оила ва солимии репродуктивӣ фаро гирифта шуданд;

– 3 маҳфилҳои мубоҳисавӣ ташкил гардида, 90 нафар ҷавонон оид ба пешгирии ВНМО/БПНМ ва БВАҶГ фаро гирифта шуданд.

## 9. Татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 бояд, ки дар сатҳи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар асоси Барнома барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015 таҳия гардида, бо дарназардошти маблағгузории ҳатмии он ба тасвиб мерасид. Вале бо сабабҳои номаълум дар шаҳри Душанбе то ҳол ин Барнома, ки ягона механизми таъмини хизматрасонии маҷмӯӣ ба ҷавонон мебошад қабул нагаштааст. Инчунин дар қисме аз шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла ВМКБ барномаҳои қабул гардидаанду, аммо маблағгузорӣ нагаштаанд.

Новобаста аз ин, татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ бар ҷузъ бархе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш ҳисобида мешавад ва ҷараёни татбиқи он аз рӯи соҳаҳои афзалиятнок дар поён оварда мешавад.

## 10. Татбиқи Барнома дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо

Барои татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2013 1729463 сомонӣ пешбинӣ гашта, ҳамагӣ 42,6% он ва ё 736135 сомонӣ ҷудо карда шудааст. Дар натиҷаи амалисозии Барнома дар маҳалҳо 429286 нафар ҷавонон, аз ҷумла 192137 нафар духтарон бо хизматрасонии алоқаманд фаро гирифта шуданд.

Сатҳи маблағгузории Барнома аз рӯи минтақаҳо дар поён оварда мешавад. Бинобар ба тасвиб нарасидани Барнома дар шаҳри Душанбе ва маблағгузорӣ нагардидани он дар ВМКБ дар ҷадвалҳои таҳлилӣ ин минтақаҳо нишон дода намешаванд.

Ҷадвали 2



Чӣ тавре аз ҷадвали боло дида мешавад, сатҳи маблағгузорӣ дар минтақаҳо беҳбудиро талаб мекунад. Танҳо дар сатҳи Кумита маблағи пешбинигашта пурра аз худ карда шудааст, дар сатҳи минтақаҳо бошад 25-60% маблағҳои пешбинигашта ҷудо карда нашудаанд.

Чунин муносибат камтаваҷҷуҳии бевоситаи роҳбарияти сохторҳои маҳаллии Кумита ва масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро инъикос менамояд. Ин дар ҳолест, ки дар соли 2013 ҳаҷми буҷети давлатӣ 21,1% нисбат ба соли 2012 зиёд гаштааст.

Новобаста аз ин, чун агар, иқтидори маблағгузорӣ суст бошад, пас онро камтар пешбинӣ кардан лозим аст, то ин ки пурра ҷудо ва аз худ карда шавад.

Барои равшанӣ андохтан ба масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар зер ҷадвали маблағгузории барномаҳои маҳаллӣ дар таносубноки бо шумораи ҷавонон оварда мешавад.

Ҷадвали 3




Чӣ тавре маълум гашт, маблағгузории бармномаҳои маҳаллӣ дар соли 2013 ба сари ҳар як ҷавон 0,3-0,4 сомонӣ рост омадааст, яъне ҳатто ба теъдоди ҷавонон баробар нест, ки дар ин ҳолат ба ҳар нафар як сомониро ташкил медод.

Мутобиқи таҳлилҳои маблағгузории Барнома дар сатҳи Кумита барои фарогирии ҷавонон бо хизматрасонии алоқаманд (маърифатнокӣ, иттилоотнокӣ, омӯзиш ва такмили малакаҳои ҳаётӣ ва касбӣ ва ғайра) ба ҳар як ҷавон ҳадди ақал 11 сомонӣ дар як сол лозим мегардад. Яъне, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур мегардад, ки барои татбиқи самараноки барномаи маҳаллӣ маблағгузории онро то 35 баробар зиёд намоянд, сипас сифати кор ва натиҷанокии онро талаб кардан мумкин мегардад.

## 11. Татбиқи Барнома дар вилояти Суғд

Дар вилояти Суғд барои татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 298000 сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки 75% маблағи пешбинӣ гаштаро ташкил медиҳад.

Дар сар то сари вилоят дар натиҷаи баргузории чорабиниҳои алоқаманд 189647 нафар фаро гирифта шудааст, ки 46,7% онро духтарон ташкил медиҳанд.

Маблағгузорӣ дар сатҳи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар соли 2013 182000 сомонӣ пешбинӣ гашта, пурра аз худ карда шудааст. Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо бошад дар поён оварда мешавад.

Ҷадвали 4




Чӣ тавре дар Ҷадвали 3 дида мешавад, дар шаҳру ноҳияҳои Чкалов, Ҷ.Расулов, Исфара, Мастчоҳ ва Панҷакент Барномаи маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон умуман маблағгузорӣ нагаштааст, яъне дар ин шаҳру ноҳияҳо банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2012 №620 иҷро нагаштааст.

Ҳамчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт ва Конибодом вобаста ба татбиқи Барнома маблағ пешбинӣ гаштаасту, ҷудо карда нашудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Дар қисми зиёди шаҳру ноҳияҳо бошад маблағҳои пешбинигшата пурра аз худ карда нашудааст, ки дар ин самт сохторҳои маҳаллии Кумитаро зарур мегардад, ки корро ҷоннок намоянд.

Вазъият танҳо дар сатҳи Раёсат ва шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Б.Ғафуров, Спитамен ва Истиқлол вобаста ба татбиқи Барнома қонеъкунанда мебошад. Дигар шаҳру ноҳияҳои дар ин самт мушкилот доштаро зарур мегардад, ки аз таҷрибаи шаҳру ноҳияҳои муваффақ сабақ омӯзанд.

Чун дар сатҳи Кумита, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд Барнома мутобиқи соҳаҳои афзалиятнок амалӣ гардонида шуд.

Дар самти ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 167901 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 87372 нафар, аз ҷумла 30569 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 46460 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 11380 нафар, аз ҷумла 10880 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд. Яъне, дар ин қисмати Барнома корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ дар байни ҷавонзанон бештар ташкил карда шудааст.

Дар самти рушди саломатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 49815 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 60715 нафар, аз ҷумла 29461 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 11941 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 10944 нафар, аз ҷумла 5683 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти мусоидат ба рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 20765 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 18474 нафар, аз ҷумла 11370 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти такмили малакаҳои кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 1149 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 762 нафар, аз ҷумла 394 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

## 12. Татбиқи Барнома дар вилояти Хатлон

Дар вилояти Хатлон барои татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 265429 сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки 54,5% маблағи пешбинӣ гаштаро ташкил медиҳад.

Дар вилоят дар натиҷаи баргузории чорабиниҳои Барнома 157822 нафар фаро гирифта шудааст, ки 45,9% онро духтарон ташкил медиҳанд.

Барои татбиқи Барнома дар сатҳи вилоят/Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар соли 2013 70700 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки 78% маблағи пешбинӣ гаштаро ташкил медиҳад, яъне пурра ҷудо карда нашудааст. Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо бошад дар поён оварда мешавад.

**Ҷадвали 5**




Чӣ тавре аз Ҷадвали 4 инъикос мегардад, дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Ҷиликул, Қубодиён, Данғара, Восеъ, Шаҳритуз ва Н.Хусрав Барномаи маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон умуман маблағгузорӣ нагаштааст, яъне дар ин шаҳру ноҳияҳо банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2012 №620 иҷро нагаштааст.

Дар ноҳияи Қумсангир бошта вобаста ба татбиқи Барнома маблағ пешбинӣ гаштаасту, ҷудо карда нашудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Дар қисми зиёди шаҳру ноҳияҳо маблағҳои пешбинигшата пурра аз худ карда нашудааст, ки вобаста ба ин мушкилот дар поён баъзе тавсияҳо оварда мешаванд.

Вазъият танҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Ховалинг, Ҷ.Румӣ ва Кӯлоб вобаста ба татбиқи Барнома қонеъкунанда мебошад. Дигар шаҳру ноҳияҳои дар ин самт мушкилот доштаро зарур мегардад, ки аз таҷрибаи шаҳру ноҳияҳои муваффақ сабақ омӯзанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Барнома мутобиқи соҳаҳои афзалиятноки муқарраргашта ба таври зайл амалӣ гардонида шуданд.

Дар самти ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 91508 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 79033 нафар, аз ҷумла 35842 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 31948 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 28761 нафар, аз ҷумла 13544 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти рушди саломатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 35215 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 26166 нафар, аз ҷумла 12936 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 71880 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 7507 нафар, аз ҷумла 2966 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти мусоидат ба рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 20370 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 10862 нафар, аз ҷумла 5400 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти такмили малакаҳои кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 14508 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 5493 нафар, аз ҷумла 1824 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

## 13. Татбиқи Барнома дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

Дар сатҳи НТҶ 172675 сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки 21% маблағи пешбинӣ гаштаро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи баргузории чорабиниҳои Барнома 81817 нафар фаро гирифта шудааст, ки 38% онро духтарон ташкил медиҳанд.

Вазъи маблағгузории Барнома дар шаҳру ноҳияҳои НТҶ дар алоҳидагӣ дар Ҷадвали 5 нишон дода мешавад.

Ҷадвали 6




Чӣ тавре маълум гардид, вазъият вобаста ба маблағгузории барномаҳои маҳаллӣ дар ноҳияҳои Тавилдара, Нуробод ва Рашт нигароникунада мебошад, чун дар ин ноҳияҳо дар соли 2013 барои амалисозии Барнома маблағ ҷудо карда нашудааст.

Дар ҷадвал нисбат ба шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Ҷиргатол маблағгузорӣ ба 10 сомонӣ (яъне, 10 маротиба кам) нишон дода шудааст. Ин ба он сабабе мебошад, ки ҷиҳати татбиқи Барнома дар ин ноҳияҳо дар соли 2013 хушбахтона маблағи зиёд пешбинӣ гардида, мутаассифона қисми хело ками он ҷудо карда шудааст. Аниқтараш дар шаҳри Турсунзода барои татбиқи Барнома 366000 сомонӣ пешбинӣ гашта, ҳамагӣ 7000 сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки дар таносубнокӣ ба ин сатҳи иҷроиш 1,9%-ро ташкил медиҳад. Дар ноҳии Ҷиргатол бошад барои татбиқи Барнома 138000 сомонӣ пешбинӣ гашта, ҳамагӣ 6700 сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки дар таносубнокӣ ба ин сатҳи иҷроиш 4,9%-ро ташкил медиҳад.

Дар сатҳи дигар шаҳру ноҳияҳои НТҶ низ маблағҳои ҷудогашта нисбат ба маблағҳои пешбинигашта кам мебошад ва ин муносибат дақиққориро талаб менамояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои НТҶ Барнома мутобиқи соҳаҳои афзалиятноки муқарраргашта ба таври зайл амалӣ гардонида шуданд.

Дар самти ташаккули маърифати маънавию сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 59387 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 35000 нафар, аз ҷумла 12188 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти рушди имконоти иҷтимоӣ ва мусоидат ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 35088 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 7565 нафар, аз ҷумла 2691 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти рушди саломатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 25350 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 23288 нафар, аз ҷумла 9801 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти мусоидат ба таълими муассир ва дастгирии эҷодиёти ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 38050 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 4405 нафар, аз ҷумла 1869 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти мусоидат ба рушди ҷанбаҳои илмию методӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 11950 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 11050 нафар, аз ҷумла 4475 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар самти такмили малакаҳои кории мутахассисон ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чорабиниҳои алоқаманд бо маблағи 2850 сомонӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар натиҷа 506 нафар, аз ҷумла 64 духатрон бо хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд.

## 14. Мушкилот ва монеаҳо дар татбиқи Барнома

Чӣ тавре дар боло зикр гардид, дар соли 2013 маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ 5099800 сомонӣ пешбинӣ гашта, 2429000 сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки 47,6% иҷроишро ташкил медиҳад. Ин дар ҳолест, ки ҳамасола ҳам маблағгузории буҷет ва ҳам сатҳи ММД зиёд гашта истодааст.

Дар ҳамин васила яке аз мушкилоти асосӣ ин **ҷудо нагаштани маблағи пурраи пешбинигаштаи Барнома дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо** арзёбӣ мегардад. Сабаби асосии ин мушкилот бо дарназардошти ҳамасола беҳтар гаштани вазъи иктисодии кишвар бештар хусусияти инсонӣ дорад. Дар қисми зиёди шаҳру ноҳияҳо масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба татбиқ, аз ҷумла маблағгузории Барнома дар маҳалҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ камтаваҷҷуҳӣ зоҳир менамоянд. Ин камтаваҷҷуҳӣ дар соли 2013 боиси иҷро нагаштани банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2012 №620 гаштааст, ки дар воқеъ метавонад нисбат ба шахсони масъул оқибатҳои хуб надошта бошад.

Дигар мушкилот дар ин самт **ин паст будани сатҳи маълумотнокии масъулони мақомоти маҳаллӣ** вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, сохтори идории мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, бахсус тартибҳои маблағгузории чорабиниҳои амалӣ мебошад.

*Мисол: сабаби маблағгузорӣ нагаштани барномаҳои маҳаллиро бештар ба набудани маблағ рабт дода, инчунин тавсия медиҳанд, ки чун сохтори ҷумҳуриявӣ доред аз ҳамон ҷо маблағ талаб кунед, гарчанде мутобиқи қонунгузории соҳа ин уҳдадорӣ ба души мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор гардидааст. Дар баробари ин, дар ҳама санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, бахусус қарорҳои алоқаманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳият ва уҳдадории мақомотҳо, бахусус мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифагузорӣ карда мешаванд.*

Ба қавли дигар, чунин тавсияҳо ҳамчун ноуҳдабарой ва саркашӣ аз иҷрои қонунгузории алоқаманд ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод карда мешавад, ки сабаби асосии он паст будани сатҳи маълумотнокии масъулони мақомоти маҳаллӣ мебошад.

Дар натиҷаи амалисозии чорабиниҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ 621500 ҷавонон бо иттилоот, дониш малака ва таҷрибаи алоқаманд фаро гирифта шуданд, ки 40% ё ин ки 249780 нафари онро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар ин ҷодда, мушкилот дар он аст, ки барои татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар соли 2013 **дар маҳалҳо маблағгузорӣ хело кам ҷудо гаштааст**. Мутобиқи Ҷадвали 2 маблағгузории бармномаҳои маҳаллӣ дар як сол ба сари ҳар як ҷавон 0,3-0,4 сомониро ташкил додааст, ки хело кам аст. Дар ҳоле, ки маблағи ҷудокарда нисбат шахсони бо чорабиниҳо фарогирифта дар як сол ба сари ҳар як нафар 1,7 сомониро ташкил медиҳад.

Дар сатҳи Кумита маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи ҷумҳурӣ 1686000 (як миллиону шашсаду ҳаштодушаш ҳазор) сомонӣ пешбинӣ гардида буд, ки пурра аз худ карда шуд. Маблағгузории чорабиниҳо дар сатҳи Кумита нисбат шахсони бо чорабиниҳо фарогирифта

дар як сол ба сари ҳар як нафар 11 сомониро ташкил медиҳад, яъне 6,5 маротиба зиёд нисбат ба маҳалҳо.

Мушкилот дар ин самт дар он аст, ки то мутахассисони соҳа ва ғайрисоҳа, бахусус сатҳи маҳаллӣ **сохтори идории маблағгузории Барномаро пурра дарк накардаанд**. Боиси зикр аст, ки дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 чорабиниҳо дар се сатҳ амалӣ карда мешаванд ва дар ҳама сатҳ сохтори идории маблағгузорӣ ба таври хос ба роҳ монда мешавад. Маблағгузории Барнома дар сатҳи Кумита танҳо чорабиниҳои хусусияти ҷумҳуриявӣ доштаро фаро мегирад ва он фарогири чорабиниҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ намебошад. Барои амалисозӣ ва ё маблағгузории чорабиниҳо дар сатҳи минтақаҳо ва вилоятҳо бошад, Барномаҳои вилоятӣ ба тасвиб мерасанд ва онҳо фарогири чорабиниҳои сатҳи маҳаллӣ шуда наметавонанд, инчунин барои амалисозӣ ва ё маблағгузории чорабиниҳо дар сатҳи маҳалҳо, Барномаҳои маҳаллӣ ба тасвиб мерасанд, ки маҳз ҳамин Барномаҳо фарогири чорабиниҳои маҳаллӣ мебошанд.

Яке аз мушкилоте, ки дар татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 монеаҳои зиёд эҷод мекунад, ин **паст будани сатҳи фаҳмиши масъулони сохторҳои маҳаллии Кумита** мебошад.

Мунтазам барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳалҳо дар сатҳи Кумита дастурҳои методию амалӣ ва иттилоотӣ таҳия, чоп ва барои мутахассисони маҳаллии соҳа дастрас карда мешаванд, вале дар фаъолияти сохторҳои маҳаллӣ тағйири куллӣ кам ба назар мерасад. Дар басти кории қисми зиёди сохторҳо ҳуҷҷатгузорӣ коста мебошад ва тартибҳои махсус муайянгашта дар татбиқи барномаҳои соҳавӣ риоя карда намешаванд.

Бахсус барои танзим ва ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома сохторҳои вилоятӣ ва маҳаллиро зарур буд, ки мутобиқи банди 7 Барнома Комиссияҳои махсусгардонидашуда таъсиси бидиҳанд ва ҷараёни амалисозии Барнома ҳамоҳанг созанд. Вале ин ва дигар тартибҳои хусусияти ҳуқуқӣ ва меъёрию ҳамоҳангсози дошта то ҳол дар сатҳи қисми зиёди сохторҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ иҷро нагаштаанд, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Бинобар **маҳфуз набудани макони дастрас барои баргузории чорабиниҳо** сохторҳо дар амалисозии Барнома душворӣ мекашанд. Дар саросари кишвар ҳамагӣ 63 марказҳои ҷавонон амал мекунанд, ки онҳо низ ба таҷҳизот ва таъмири капиталӣ ниёз доранд. Дар қисми зиёди ноҳияҳо марказҳои ҷавонон ташкил наёфтаанд, бахусус дар шаҳри Душанбе, ки теъдоди зиёди ҷавонон дар инҷо ҳаёту фаъолият доранд.

Чун Барнома худ каммаблағ аст, он имкони сохтмони марказҳои ҷавонон, таъмир ва таъмини таҷҳизотро барои марказҳо, ҳамчунин иҷораи толорро мавриди баргузории чорабиниҳо надорад. Аз ин рӯ, дар татбиқи Барнома дар ин самт монеаҳои зиёд мавҷуд аст.

## 15. Роҳҳои ҳалли мушкилот ва бартарафсозии монеаҳо дар татбиқи Барнома

Бо дарназардошти таҳлилҳои арқомӣ ва мушкилоту монеаҳои дар боло оварда шуда, зарур аст, ки дар солҳои минбаъда, аз ҷумла дар соли 2014 тадбирҳои зерин андешида шаванд:

- зиёд кардани маблағгузории солонаи Барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015 то 11 сомонӣ ба сари ҳар як нафар дар як сол;

- татбиқи босамари қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2012 №620, аз ҷумла амалӣ сохтани банди 3 он, ки маблағгузорӣ намудани Барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифагузорӣ намудааст;

- ба таври пурра ҷудо кардани маблағҳои пешбинигшатаи Барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- устувор сохтани маблағгузории Барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2013-2015 тавассути ҷойгир намудани он дар сатри алоҳидаи буҷети маҳаллӣ ва ё истифодаи тартиби муқарраркардаи дастгоҳи марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар сатҳи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баргузории даврахои омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии масъулони мақомоти маҳаллӣ вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, сохтори идории мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, бахсус тартибҳои маблағгузории чорабиниҳои амалӣ;

- баргузории даврахои минтақавии омӯзишӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониш ва кордонии мутахассисони соҳа вобаста ба ҷабҳаҳои меъёрикунонӣ, ҳамоҳангсозӣ ва идораи маблағгузории Барнома;

- таъсиси марказҳои ҷавонон дар ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва устувор гардонидани имконоти техникию амалии марказҳои фаъолиятдошта;

- ҷалби иштироки васеъи ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон дар амалисозии чорабиниҳои Барнома;

- мусоидат ва дастгирӣ барои таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон, бахусус филиалҳои Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо.

**Замимаи** 1.

**КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҚАРОРИ МУШОВАРА**

аз «15» ноябри соли 2012 №5.1 ш.Душанбе

Доир ба тасдиқи Низомномаи
Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи
Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

Дар асоси банди VII. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 тасдиқ гардидааст (минбаъд Барнома), бо мақсади танзим, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии тамоми фаъолияти ҳамбаста ба татбиқи босамари Барнома ва мутобиқи зербанди 3 банди 11 Низомномаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №609 тасдиқ шудааст, Мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи замимагардидаи Низомномаи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (минбаъд Низомнома) тасдиқ карда шавад.
2. Раёсати кор бо ҷавонон фаъолияти самараноки Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозии Барномаро тибқи Низомномаи мазкур таъмин созад.
3. Котиботи Комиссия дар мӯҳлати наздиктарин Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаро барои соли 2013 таҳия намуда, барои тасдиқ ба Мушовараи Кумита пешниҳод намояд.
4. Котиботи Комиссия тибқи муқаррароти Низомнома тартибҳои алоқаманд ва Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаро мунтазам барои ҳар се моҳ таҳия намуда, татбиқи босамари онҳоро таъмин намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали Раиси Кумита Ҷӯраев К. гузошта шавад.

Раис М.Неъматов

**Замимаи 2.**

Бо қарори Мушовараи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2012 №5.1 тасдиқ карда шуд.

## НИЗОМНОМАИ
## Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси банди VII. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012 №620 тасдиқ гардидааст (минбаъд Барнома) тартиб дода шуда, салоҳият ва низоми фаъолияти Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозиро вобаста ба татбиқи босамари Барнома (минбаъд Комиссия) муқаррар месозад.

1.2. Комиссия фаъолияти худро дар асоси Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, дигар қонунгузории ҷумҳурӣ, аснод ва барномаҳои дахлдори байналмилалии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.3. Ҳайати Комиссия аз ҳисоби масъулони мақомоти давлатии ваколатдори кор бо ҷавонон дар сатҳи ҷумҳурӣ, тандурустӣ, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кор бо занон ва оила ва иттиҳодияҳои ҷаъмиятии ҷавонон дар муовифиқаи тарафҳо ташкил дода мешавад (замимаи 1.).

1.4. Комиссия вобаста ба танзим, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии тамоми масъалаҳои алоқаманд ба татбиқи босамари чорабиниҳои банақшагирифташудаи Барнома масъул мебошад.

1.5. Суроғаи асосии фаъолияти кори Комиссия бинои марказии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

### 2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОМИССИЯ

2.1. Мақсади асосии Комиссия ин танзим, ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии тамоми фаъолияти ҳамбаста ба татбиқи босамари Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 мебошад.

2.2. **Вазифаҳои асосии Комиссия дар доираи татбиқи чорабиниҳои Барнома иборатанд аз**:

2.2.1. Қабули қарорҳои дахлдор вобаста ба баррасӣ ва ҳалли мушкилоти дар самти татбиқи Барнома ва дар ҳаёти ҷавонон ба вуқӯъ омада;

2.2.2. Ҳамоҳангсозӣ ва арзёбии фаъолияти сохторҳои Кумита ва марказҳои ҷавонон, вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии дахлдор вобаста ба татбиқи чорабиниҳои алоқаманди Барнома;

2.2.3. Арзёбӣ, баҳодиҳӣ ва такмили барномаҳои маҳаллӣ;

2.2.4. Ҷалб ва ҳамоҳангсозии маблағгузорӣ барои татбиқи самараноки Барнома.

2.3. **Котиботи Комиссия ӯҳдадор аст**:

2.3.1. Корҳои амалию ташкилӣ ва ҳамоҳангсозии ҷараёни маблағгузории Барномаро пеш барад;

2.3.2. Ҳар се моҳ як маротиба маҷлиси Комиссияро ташкил намояд;

2.3.3. Дархостҳои воридгардидаро ҷамъоварӣ намуда, тибқи Нақшаи маблағгузории Барнома дар шакли Ҷадвали маблағгузории чорабиниҳои Барнома барои семоҳаи оянда ҷиҳати баррасӣ ва тасдиқ ба аъзоёни Комиссия пешниҳод намояд;

2.3.4. Суратҷаласаҳои Комиссияро омода созад;

2.3.5. Қарори Комиссия ва ҳуҷҷатҳои алоқамандро барои мувофиқа ва тасдиқ ба Мушовараи Кумита пешниҳод намояд;

2.3.6. Тартибҳо ва шаклҳои алоқаманди танзимкунандаи чараёни маблағгузории Барномаро таҳия намояд;

2.3.7. Ҳар се моҳ як маротиба оид ба маблағгузории Барнома ба Комиссия ҳисоботи мушаххас пешниҳод намояд;

## 3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ КОМИССИЯ

3.1. Асоси ҳуқуқии Комиссия Маҷлиси/Мушовараи он мебошад, ки на кам аз як маротиба дар се моҳ гузаронида шуда, вобаста ба ҷараёни татбиқи Барнома қарорҳои зарурӣ қаубл менамояд. Маҷлиси Комиссия дар ҳолати иштироки на кам аз 50% аъзоёни он метавонад доир гардад.

3.2. **Комиссия (аъзоёни Комиссия) дар доираи татбиқи чорабиниҳои Барнома ҳуқуқ дорад**:

3.2.1. Тартиби маблағгузории Барнома, бахусус тартиби дастгирии молиявии ҷавонони ниёзманд, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон, шаклҳои алоқаманди фармоиш, арзёбӣ ва баҳодиҳӣ, ҳисоботӣ, санадҳои харид ва қабул, дархостҳо ва ғайраро баррасӣ ва тасдиқ намояд;

3.2.2. Санадҳои бевоситаи таъмини маблағгузории Барнома, бахусус харҷномаҳо, дархостҳо санадҳои харид ва қабул ва ғайраро баррасӣ ва тасдиқ намояд;

3.2.3. Фаъолияти сохторҳои Кумита ва марказҳои ҷавонон, вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии дахлдорро вобаста ба татбиқи чорабиниҳои алоқаманди Барнома ҳамоҳанг созад;

3.2.4. Ҷараёни татбиқи барномаҳои маҳаллиро арзёбӣ намояд.

3.3. **Котиботи Комиссия ҳуқуқ дорад**:

3.3.1. Дар сурати ба талабот ва ё тартиби муқарраргардида ҷавобгӯй набудани дархостҳо, онҳро мустақилона рад намояд;

3.3.2. Ба ҳамаи хароҷотномаҳо имзо гузорад;

3.3.3. Ҷараёни азхудкунии босамари маблағгузории Барномаро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намояд.

3.3.4. Ҷараёни азхудкунии босамари маблағгузории барномаҳои маҳаллиро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намояд.

3.4. **Раиси (муовини раиси[1]) Комиссия ҳуқуқ дорад**:

3.4.1. Тамоми санадҳои алоқаманди Барномаро, бахусус хароҷотномаҳо, суратҷаласаҳо ва ғайраро тасдиқ намояд;

3.4.2. Пешниҳоду дархостҳои алоқамандро, ки агар ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯй набошад рад намояд;

3.4.3. Ҷараёни азхудкунии босамари маблағгузории Барномаро арзёбӣ ва баҳодиҳӣ намояд;

3.4.4. Ҳам аз котибот ва ҳам аз иҷрокунандагони бевоситаи Барнома ҳисобот талаб намояд;

3.4.5. Барои тағйир додани ҳайати Комиссия ба Мушовараи Кумита номзадҳои муносибро пешниҳод намояд;

3.4.6. Маҷлисҳои ғайринавбатии Комиссияро даъват намояд.

3.5. Комиссия фаъолияти назоратӣ ва баҳодиҳиро нисбат ба вазорату идораҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъятии дахлдор ба роҳ мемонад.

3.6. Раиси Комиссия бо дарназардошти ҳолатҳои фавқулода ва таъҷилӣ ҳайати Комиссияро (нақшавӣ ва ё ғайринақшавӣ) даъват намуда, нисбат ба мушкилоти пешомада чораҳои зарурӣ меандешад.

3.7. Дар ҷаласаҳои Комиссия Суратҷаласа тартиб дода шуда, аз натиҷаи он ба соҳаҳои дахлдор иттилооти зарурӣ расонида мешавад.

---

[1] Дар сурати набудани раиси Комиссия

3.8. Фаъолияти умумии Комиссия дар сатҳи миллӣ аз ҷониби Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг сохта мешавад.

3.9. Ҳамоҳангсози миллӣ тамоми пешниҳодҳо ва дархостҳои алоқамандро барои баррасӣ ба Комиссия пешниҳод менамояд ва дар сурати зарурӣ дастгирӣ намудани онҳоро талаб менамояд.

3.10. Тамоми қарорҳои қабулгардида ва дархостҳои барои маблағгузорӣ омодагардида, дар шакли фармоиш аз ҷониби раиси Комиссия имзо ва аз ҷониби ҳамоҳангсози миллӣ (раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) мӯҳр гузошта мешавад (тасдиқ карда мешавад).

**Замимаи** 3.

Замима ба қарори Мушовараи
Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 15 ноябри соли 2012 №5.1

Рӯйхати
аъзоёни Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид
ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

| № | Ӯҳдадорӣ дар Комиссия | Номгӯи ташкилотҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамоҳангсози миллӣ | Раиси Кумита |
| 2. | Раиси Комиссия | Муовини аввали Раиси Кумита |
| 3. | Муовини раиси Комиссия | Муовини Раиси Кумита оид ба масъалаҳои кор бо ҷавонон |
| 4. | Аъзо | Сардори Раёсати кор бо ҷавонон |
| 5. | Аъзо | Мудири Шӯъбаи молия ва ҳисобдорӣ |
| 6. | Аъзо | Сармутахассиси Бахши хоҷагидорӣ ва ташкилӣ |
| 7. | Аъзо | Намояндаи масъули Вазорати тандурустӣ |
| 8. | Аъзо | Намояндаи масъули Вазорати маориф |
| 9. | Аъзо | Намояндаи масъули Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 10. | Аъзо | Намояндаи масъули Кумитаи кор бо занон ва оила |
| 11. | Аъзо | Намояндаи масъули Иттифоқи «Ҷавонони Тоҷикистон» |
| 12. | Аъзо | Намояндаи масъули Иттиҳодияи ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон» |
| 13. | Котиб | Муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон |

**Замимаи** 4.

Ҳайати котиботи
Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид
ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

Котиботи Комиссияро кормандони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати зерин ташкил медиҳад:

| № | Номгӯи вазифа | Ӯҳдадорӣ дар Комиссия |
|---|---|---|
| 1. | **Неъматов М.М.**, Раиси Кумита | Ҳамоҳангсози миллӣ |
| 2. | **Ҷӯраев К.К.**, муовини аввали Раиси Кумита | Раиси Комиссия |
| 3. | **Муинова М.М.**, муовини Раиси Кумита оид ба масъалаҳои кор бо ҷавонон | Муовини раиси Комиссия |
| 4. | **Низомов Ҷ.** – мудири Бахши молия ва ҳисобдорӣ | Масъули молиявӣ |
| 5. | **Миралиев Қ.А.** – муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон | Котиби Комиссия |

Суроғаи электронӣ барои тамос:
www.youth.tj
grant@youth.tj,
k.miraliev@youth.tj

**Замимаи** 5.

Барои истифода

СУРАТҶАЛАСАИ
Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

аз 25 декабри соли 2012 №12/12-01 ш.Душанбе

Иштирок карданд:

1. Неъматов М.М. –Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳамоҳангсози миллии Барнома;
2. Ҷӯраев К.К. – Муовини аввали Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссия;
3. Муинова М.М.- муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Комиссия;
4. Низомов Ҷ.С. - мудири Шӯъбаи молия ва ҳисобдорӣ, аъзо
5. Сафаров Ф. - Сармутахассиси Бахши хоҷагидорӣ ва ташкилӣ, аъзо
6. Аминов О.Т. - сармутахассиси Раёсати ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;
7. Хокироев М. – сармутахассиси раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;
8. Ормонов М. – сардори Шӯъбаи таҳлил ва дурнамои меҳнат, шуғл ва сатҳи зиндагии аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;
9. Мирзоахмедов Ш. – сармутахассиси Шӯъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзо;
10. Мирзораҳимов Н. - директори Ташкилоти ҷамъиятии «Насли ҷавони Тоҷикистон», аъзо;
11. Миралиев Қ.А. – муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби Комиссия.

Иштирок надоштанд:

1. Бӯриев Н.С. - сардори Раёсати кор бо ҷавонон, аъзо;
2. Алиев И. – муовини раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, аъзо.

РӮЗНОМА

1. Муаррифии Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва зарурати фаъолияти Комиссия
2. Муаррифии Низомномаи Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ва Котиботи Комиссия
3. Баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои соли 2013
4. Баррасӣ ва барои тасдиқ ба Мушовараи Кумита пешниҳод намудани лоиҳаи Рӯйхати ноҳияҳои имконияти молиявиашон маҳдуд ва қобили дастгирӣ дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015
5. Баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи Тартиби дастгирии молиявии ниёзмандони ҷавон ва оилаҳои ҷавон
6. Баррасӣ ва тасдиқи шаклҳои дархостӣ, шакли шартнома оид ба ҳамкорӣ, шакли фармоиш, шакли арзёбӣ ва баҳодиҳӣ ва шакли ҳисоботӣ

7. Баррасии масъалаи таҳия ва тасдиқи лоиҳаи Нақшаи маблағгузории чорабиниҳои Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 барои семоҳаи аввали соли 2013 (ба таври пурсиш)

Маҷлиси нахустини Комиссияи танзим ва ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015-ро раиси Комиссия Ҷӯраев К.К. оғоз намуда, аъзоёни Комиссияро бо мӯҳтавои Барнома шинос намуд. Мавсуф аз рӯи масъалаи якум ва дуюм баромад намуда, зарурати амалигардии чунин як Барномаи маҷмӯӣ ва таъсиси Комиссияро барои татбиқи самарраноки он иттилоъ дод.

Тибқи масъали сеюм раиси Комиссия ва намояндаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Ормонов М. баромад намуданд. Иброз гардид, ки дар сурати мувофиқат намудани бандҳои Нақшаи маблағгузорӣ ба бандҳои Барнома он дастгирӣ карда мешавад.

Вобаста ба масъалаи чорум котиби Комиссия Миралиев Қ. баромад намуда, ба аъзоёни Комиссия зарурати тартиб додани рӯйхати ноҳияҳои имконияти молиявиашон маҳдуд ва қобили дастгириро дар доираи Барнома иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи мазкур байни аъзоёни Комиссия баҳсу мунозира доир гардид ва дар натиҷа пешниҳод карда шуд, ки бори дигар сатҳи ниёзмандии ноҳияҳо баррасӣ гардида, сипас рӯйхати алоқаманд тартиб дода шавад.

Тибқи масъалаи панҷум котиби Комиссия Миралиев Қ. Баромад намуд ва зарурати таҳия гардидани лоиҳаи Тартиби дастгирии молиявии ниёзмандони ҷавон ва оилаҳои ҷавонро иттилоъ дод.

Аз рӯи ин масъала аъзоёни Комиссия Мирзораҳимов Н., Мирзоахмедов Ш. ва Низомов Ҷ. мулоҳизаронӣ намуданд. Пешниҳод гардид, ки дар банди шартҳои Тартиб нишондиҳандаҳои он нисбатан шарҳ дода шавад, бахусус нишондиҳандаи "беомрӣ" ба навъҳои муайян, аз қабили ВНМО, сил ва ғайра ҷудо карда шавад.

